# РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ МУБОРАК!


*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №1-2 (34-35) 23-ЮМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2016, СЕШАНБЕ




**- Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи "сиёсати дугона" нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар мубориза муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад.**

**- Зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд.**

**- Хоинони миллати тоҷик ва хоҷагони хориҷии онҳо фаромӯш кардаанд, ки мардуми шарафманди Тоҷикистони соҳибистиқлол дигар намегузоранд, ки касе зиндагии орому осудаи онро мисли солҳои навадуми асри гузашта бо фитнаангезиву дасисабозӣ халалдор намояд ва халқи ободгари моро аз маҷрои созандагиву бунёдкорӣ берун созад.**


**ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ЛОИҲА АЗ ҶОНИБИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ**

САҲИФАИ 2

**ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**




САҲИФАИ 3

**ОИД БА БАЪЗЕ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ АСОСӢ**

Ваъзи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолатҳои дигар дар давлатҳои алоҳида зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро ба вуҷуд меорад, ки сабаби асосии он мутобиқ намудани меъёрҳои ин санад ба шароити зиндагии аъзои ҷомеа мебошад.

САҲИФАИ 5

**ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ - ТАҚОЗОИ ЗАМОН**

САҲИФАИ 7

**ПЕШНИҲОД ОИД БА ТАКМИЛИ КОДЕКСИ МАНЗИЛ ВА ОИЛА**

САҲИФАИ 9

**САФИР ВА ДИПЛОМАТ ДАР "НАСИҲАТ-УЛ-МУЛУК"-И МУҲАММАД ҒАЗЗОЛӢ**

САҲИФАИ 14

# АЛМОСБЕК АТАМБОЕВ БО САФАРИ РАСМӢ БА ДУШАНБЕ МЕОЯД

Президенти Қирғизистон Алмосбек Атамбоев бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон хоҳад омад. Бино ба иттилои департаменти иттилоот ва таҳлили Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, 18-уми феврал муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Давлатзода бо Сафири Фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирослав Ниёзов мулоқот кардааст.

Дар мулоқот масоили омодагӣ ба сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доираи васеи масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ гардиданд, - мегӯянд дар ВКХ.

**www.tojnews.tj**





# БМТ: ШУМОРИ НУҚТАҲОИ МУБОДИЛАИ АСЪОР АФЗУД

Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) дар бораи афзоиши шумори марказҳои хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ маълумот медиҳад, ки мутобиқи қоидаи нав, аз ҷумла амалиёти мубодилаи асъорро низ анҷом медиҳанд. "Хоҳишмандон барои анҷом додани мубодилаи асъор метавонанд ба хазинаҳои 121 ташкилоти қарзӣ, 434 филиали онҳо, 1 ҳазору 265 маркази хизматрасонии бонкӣ ва 1 ҳазору 464 нуқтаи интиқоли маблағ муроҷиат намоянд", - қайд мекунад хадамоти матбуоти Бонки миллӣ. Дар маълумоти хадамоти матбуоти БМТ зикр мегардад, ки танҳо дар якуним моҳи соли равон шумораи филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзӣ 28 адад зиёд шудааст.

Таъкид мешавад, ки дар бозорҳои "Шоҳмансур", "Султони Кабир", "Фаровон", бозорҳои фурӯши яклухти маҳсулоти хӯрокворӣ, фурӯшгоҳи маркази "СУМ", маркази савдои "Садбарг" барои анҷом додани амалиёти мубодилавӣ 10 адад марказҳои нави хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзӣ ташкил шуда, ҳамарӯза ба мардум хизмат мерасонанд ва раванди таъсиси марказҳои нави хизматрасонии бонкӣ идома дорад. Ёдрас мекунем, ки аввали моҳи декабри соли гузашта бо қарори Раёсати БМТ фаъолияти ҳамаи нуқтаҳои мубодилаи асъор қатъ карда шуд.

Мувофиқи тартиботи нав, минбаъд мубодилаи асъор танҳо дар марказҳои хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ ва нуқтаҳои интиқоли маблағҳои пулӣ сурат мегирад.

**www.news.tj.**

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ЛОИҲА АЗ ҶОНИБИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ

Ба мақсади ба роҳ мондани шарҳу тавзеҳи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ миёни аҳолии кишвар дар робита ба баргузории раъйпурсии умумихалқӣ рӯзи 22-юми майи соли ҷорӣ аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ аз ҳисоби кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, вазорату идораҳо, мақомоти давлатӣ, олимону зиёиён гурӯҳҳои корӣ созмон дода шуданд. Мавриди зикр аст, ки як зумра устодони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ ҳамчун аъзои гурӯҳи корӣ рӯзҳои 16-20-уми феврал ба шаҳру ноҳияҳои кишвар сафари корӣ анҷом доданд. Дар ин миён месазад саҳми назарраси устодони факултет Насриддинзода Э.С., Азизов У.А., Диноршоев А.М., Раҳмон Д.С., Ғафуров Х.М., Мавлонназаров О.А., Қодиров Ҷ.Ш., Маҳмудов И.Т., Идиев Ф.Ф., Ғафуров А.Д., Сангинов Д.Ш., Камолов И.И., Саидов Ш.Н. ва Сафаров А.И.-ро махсус зикр кард. Дар маҷмӯъ аъзои гурӯҳҳои корӣ оид ба аҳамият, зарурат ва муҳимияти баргузории раъйпурсии умумихалқӣ дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ ба шаҳрвандони Тоҷикистон маълумоти муфассал доданд. Онҳо зимни мулоқот бо заҳматкашону зиёиён ва фаъолони шаҳру ноҳияҳо зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия, пеш аз ҳама, ба хотири таъмини рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа; баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагонии мардум; мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи ҳифзи онҳо; таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ; мутобиқ гардонидани матни Конститутсия ба қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асоснок намуданд. Зимни суҳбату мулоқотҳо ҳар як банди лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ ба ҳозирин ба таври муфассал шарҳ дода шуда, дар умум аз кулли иштирокдорон даъват ба амал оварда шуд, ки дар чорабинии муҳимми сиёсӣ - раъйпурсии умумихалқӣ рӯзи 22-юми майи соли 2016 бо дарки масъулияти баланди инсониву қарзи шаҳрвандӣ иштирок намуда, мавқеи худро оид ба масъалаи мавриди назар муайян намоянд.



*Масъулони саҳифа:*
*Иззатулло Маҳмудов, Исмоил Шарифов*

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**
**www.law.tnu.tj**

**и.в. сармуҳаррир:**
**Ҷаҳонгир Саъдизода**
jahon_1967@mail.ru

**Тарроҳ:**
**Ҳамидулло АЗИЗОВ**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Насриддинзода Э. С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафаров Б.А.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Қурбонализода Н.Ш.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Камолов И. И.** дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
**Сулаймонов Ф. С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Давлатов Ҷ. М.** директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ;
**Саид Нуриддин Саид** вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
**Имомзода М. С.** ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
**Тоҳиров Ф. Т.** академики АИ ҶТ,
**Маҳмудзода М. А.** раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.** директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
**Диноршоев М.** академики АИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-51- 03- 02. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифов




# ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Аз ном ва матни Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи "(Сарқонуни)" хориҷ карда шавад.

2. Дар моддаи 1:

- қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.";

- қисмҳои дуюм ва сеюм мувофиқан қисмҳои сеюм ва чорум ҳисобида шаванд.

3. Қисми якуми моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: "Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.".

4. Дар қисми чоруми моддаи 7 калимаҳои "марзиву маъмуриро" ба калимаҳои "маъмурию ҳудудиро" иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 8:

- дар қисми чорум калимаи "Ташкилотҳои" ба калимаи "Иттиҳодияҳои" иваз карда шавад;

- қисми шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст.".

6. Дар моддаи 14:

- дар қисми дуюм калимаҳои "маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро" ба калимаҳои "мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро" иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаҳои "ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд" ва "сохти конститутсионӣ" мувофиқан ба калимаҳои "ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд" ва "асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ" иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 15:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад.";

- дар қисми дуюм пайвандаки "ва" ба пайвандаки "ё" иваз карда шавад;

- қисми сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Тартиби соҳиб шудан ва қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.".

8. Дар қисми дуюми моддаи 16 калимаи "эълоншуда" ба калимаи "муқарраргардида" иваз карда шавад.

9. Дар қисми якуми моддаи 18 калимаҳои "ҳаққи зиндагӣ" ба калимаҳои "ҳуқуқ ба ҳаёт" иваз карда шаванд.

10. Дар қисми дуюми моддаи 20 калимаи "ҷиноӣ" ба калимаи "ҷиноятӣ" иваз карда шавад.

11. Дар қисми чоруми моддаи 27 калимаи "Шахсоне" ба калимаи "Шаҳрвандоне" иваз карда шавад.

12. Ҷумлаи дуюми қисми якуми моддаи 28 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: "Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.".

13. Ба қисми сеюми моддаи 32 баъд аз калимаҳои "ҳизбҳои сиёсӣ" аломати "," ва калимаҳои "дигар шахсони ҳуқуқӣ" илова карда шаванд.

14. Қисми дуюми моддаи 34 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.".

15. Дар моддаи 37 калимаи "пулӣ" ба калимаи "пардохтшаванда" иваз карда шавад.

16. Дар қисми якуми моддаи 38 калимаи "туризм" ба калимаи "сайёҳӣ" иваз карда шавад.

17. Дар моддаи 40:

- дар қисми якум калимаи "ҷамъият" ба калимаи "ҷомеа" иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаи "дар" ба калимаи "тахти" иваз карда шавад.

18. Дар қисми якуми моддаи 45 калимаҳои "Додани" ва "вазифаи ҳар кас мебошад" мувофиқан ба калимаҳои "Супоридани" ва "ҳатмист" иваз карда шаванд.

19. Дар моддаи 49:

- ҷумлаи сеюми қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад: "Вакили Маҷлиси намояндагон шахсе интихоб шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад.";

- қисми панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Узви Маҷлиси миллӣ шахсе интихоб ё таъин шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад.";

- қисми ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон баъди интихоб ё таъин шудан дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунанд.";

- қисми ҳафтум қисми ҳаштум ҳисобида шуда, дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоб ё таъин гардидани онҳоро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд.".

20. Дар қисми сеюми моддаи 51 калимаҳои "ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд, қатъи шаҳрвандӣ," ба калимаҳои "эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд, қатъи шаҳрвандӣ, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар," иваз карда шаванд.

21. Дар банди 1 қисми якуми моддаи 56 калимаҳои "марзиву маъмурӣ" ба калимаҳои "маъмурию ҳудудӣ" иваз карда шаванд.

22. Дар моддаи 61:

- дар қисми дуюм калимаҳои "аз се ду" ба калимаҳои "аз чор се" иваз карда шаванд;

- қисми сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Тафсири Конститутсияро тибқи тартиби мазкур Маҷлиси намояндагон дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул намуда, Маҷлиси миллӣ онро ҷонибдорӣ менамояд.".

23. Дар қисми дуюми моддаи 64 калимаи "қарордодҳои" ба калимаи "шартномаҳои" иваз карда шавад.

24. Дар моддаи 65:

- қисми дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Шахсе ба номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад.";

- қисми панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат татбиқ намегардад. Вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.".

25. Дар моддаи 69:

- дар банди 7 калимаҳои "ба тасдиқи" ба калимаҳои "барои тасдиқ ба" иваз карда шаванд;

- банди 12 хориҷ карда шавад;

- аз банди 13 калимаҳои "бо пешниҳоди Шӯрои адлия" хориҷ карда шаванд;

- дар банди 18 калимаи "қарордодҳои" ба калимаи "шартномаҳои" иваз карда шавад;

- бандҳои 13-30 мувофиқан бандҳои 12-29 ҳисобида шаванд.

26. Ба моддаи 71 қисми панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Таъминоти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муҳофизати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.".

27. Дар моддаи 73:

- қисми сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Аъзои Ҳукумат баъди аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудан ва тасдиқ гардидани фармон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунанд.";

- қисми сеюм қисми чорум ҳисобида шуда, баъд аз калимаҳои "Аъзои Ҳукумат" калимаҳои "бояд танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд ва онҳо" илова карда шаванд.

28. Дар қисми якуми моддаи 74 калимаи "қаламрави" ба калимаи "ҳудуди" иваз карда шавад.

29. Номи боби шашум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ".

30. Дар моддаи 76 калимаҳои "Ҳокимияти маҳаллӣ" ба калимаҳои "Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" иваз карда шаванд.

31. Дар моддаи 78:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд.";

- дар қисми дуюм калимаи "марзӣ" ба калимаи "ҳудудӣ" иваз карда шавад;

- дар қисми панҷум калимаҳои "мақомоти ҳокимияти маҳаллиро" ба калимаҳои "мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро" иваз карда шаванд;

- дар қисми шашум калимаи "ҷамоат" ба калимаи "Ҷамоат" иваз карда шавад.

32. Дар қисми якуми моддаи 79 калимаи "қаламрав" ба калимаи "ҳудуд" иваз карда шавад.

33. Дар моддаи 84:

- дар қисми сеюм калимаҳои "Тарзи ташкил" ба калимаҳои "Тартиби таъсис, ташкил" иваз карда шаванд;

- дар қисми панҷум калимаи "Ташкили" ба калимаи "Таъсиси" иваз карда шавад.

*(Давомаш дар саҳ.4)*

## ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(Аввалаш дар саҳ.3)*

34. Моддаи 85 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Моддаи 85. Ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

Ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбӣ, судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судя фаъолият намуданро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд.

Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин шудааст, дар вазъияти тантанавӣ савганд ёд мекунад.".

35. Дар моддаи 86 калимаҳои "бо пешниҳоди Шӯрои адлия" ба калимаҳои "бо тартиби муқарраркардаи қонуни конститутсионӣ" иваз карда шаванд.

36. Дар моддаи 89:

- қисми дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ шахсе интихоб мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судяи Суди конститутсионӣ фаъолият намуданро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд.";

- қисми сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ интихоб шудааст, дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ савганд ёд мекунад.";

- қисми сеюм қисми чорум ҳисобида шуда, ба банди 1) баъд аз калимаи "санадҳои" калимаи "меъёрии" илова карда шуда, калимаи "қарордодҳои" ба калимаи "шартномаҳои" иваз карда шавад;

- қисми чорум қисми панҷум ҳисобида шавад.

37. Дар моддаи 91 калимаи "ҷиноӣ" ба калимаи "ҷиноятӣ" иваз карда шавад.

38. Дар моддаи 93 калимаи "қаламрави" ба калимаи "ҳудуди" иваз карда шавад.

39. Дар тамоми матни Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи "ҳақ" ба калимаи "ҳуқуқ" иваз карда шавад.

40. Дар МУҚАРРАРОТИ ИНТИҚОЛӢ:

- қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"4. Аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Ҳукумат баъд аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани "Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ савганд ёд мекунанд.".



**Исфандиёр САИДОВ**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ*

# ҲИЗБИ СИЁСӢ НАБОЯД ХУСУСИЯТИ ДИНӢ ДОШТА БОШАД!

## (Дар партави тағйиру иловаҳо ба моддаи 28-и Конститутсия)

Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷои махсусро ишғол карда, ба гурӯҳи ҳуқуқҳои асосӣ мансуб мебошанд. Ин гурӯҳи ҳуқуқҳо дар замони муосир ҳамчун падидаи ҷудонопазири ҷомеаи мутамаддин баромад менамоянд.

Яке аз ҳуқуқҳои муҳими сиёсии шаҳрвандон, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ мебошад. Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар иттиҳодияҳо ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар шаклҳои гуногун фаъолияти якҷояи ташкилӣ дошта, бахри амалисозии ин ё он вазифаҳо муттаҳид гарданд.

Конститутсияи амалкунандаи ҶТ дар моддаи 28 ба шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шуданро кафолат додааст. Инчунин ба онҳо ҳуқуқи ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣро дода, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ шуданро фароҳам овардааст.

Қобили қайд аст, ки дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ ба моддаи мазкур тағйиротҳо ворид гардидааст, ки саривақтӣ ва ба мақсад мувофиқ аст. Ҷумлаи дуюми қисми якуми моддаи 28 дар таҳрири нав пешниҳод шудааст, ки тибқи он "Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад". Дар таҳрири нави ин қисми модда аз матни пештараи он калимаҳои "аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта" хориҷ гардиданд.

Дар низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳизбҳои сиёсӣ мақоми хосаи худро доранд, ки мақсади асосии онҳо ноил шудан ба ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ҳизби сиёсӣ як навъ иттиҳодияи ҷамъиятӣ мебошад, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад.

Аммо ба таври конститутсионӣ ба расмият даровардани ҳизби характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ, ки ин хусусияти ҳизбро ифода мекунад, ба дигар меъёрҳои конститутсионӣ монеаҳоро эҷод менамояд ё ба таври дигар гӯем хилофи меъёрҳои конститутсионӣ аст. Чун мақсади асосии ҳизб ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ мебошад, саволе ба вуҷуд меояд, ки дар мавриди ҳукмрон шудани ҳизби сиёсии характери динӣ ё атеистидошта ва пиёда намудани ҳадафу мақсадҳои худ сохти давлатӣ, шакли идоракунӣ ва режими сиёсии давлат халалдор намегардад? Ҳол он ки дар моддаи 100-уми Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст, ки "шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд".

Фикр мекунам, хориҷ намудани калимаҳои "аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта" мазмун ва муҳтавои ин меъёрро мукаммал менамояд. Чунки ҳам аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва воқеӣ давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ инкишофи ҳаёти ҷамъиятиро дар заминаи гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ таъмин менамояд, ки ин мазмун дар моддаи 8 Конститутсияи ҶТ дарҷ гардидааст. Умуман ин меъёр хусусияти конститутсионӣ надошта, зарурат ба таъкиди хусусияти ҳизб мавҷуд нест.

Тибқи моддаи 8 Конститутсияи дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Ҳамзамон, стандартҳои байналмилалӣ низ ин ҳуқуқро кафолат додаанд ва дар шакли зикршуда ҷой намудани ин меъёр ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар моддаи 20 муқаррар шудааст: "Ҳар як инсон ҳаққи озодии ҷамъомадҳои осоишта ва иттиҳодияҳоро дорад. Ҳеҷ як инсон наметавонад ба ягон иттиҳодия маҷбуран ҷалб карда шавад". Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки ҳар як шахс ҳуқуқи муттаҳид шуданро дорад ва ҷалби маҷбурӣ ба иттиҳодияҳо манъ аст. Инчунин моддаи 22 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳуқуқ ба муттаҳидшавиро бо чунин мазмун дар худ мустаҳкам намудааст: "Ҳар як инсон ба озодии пайваст бо дигарон, аз ҷумла ба таъсис додани иттифоқҳои касаба ва шомил шудан ба онҳо ба хотири ҳифзи манфиатҳои худ ҳақ дорад". Аз табиати меъёри мазкур гуфтан мумкин аст, ки он ҳеҷ як хусусияти иттиҳодияҳоро пешбинӣ накардааст. Санадҳои байналхалқӣ танҳо ҳуқуқ ба таъсис додан, муттаҳид шудан дар иттиҳодияҳоро бахри ҳифзи манфиатҳои хеш кафолат дода, инчунин имконияти хориҷ шудан аз онҳоро низ фароҳам овардаанд.

Қобили қайд аст, ки аз ҳуқуқ ба муттаҳид шудан дар иттиҳодияҳоро баробари шаҳрвандони давлат, ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳам шахсони бешаҳрванд истифода мебаранд. Ҳуқуқ ба муттаҳид шудан дар иттиҳодияҳо ба ҳамаи инсонҳо паҳн мегардад. Аммо ҳуқуқи таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ танҳо шаҳрвандони давлат доранд. Ҳуқуқи аъзо шудан ба иттиҳодияҳо дар баробари шаҳрвандони давлат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ дода шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки шаҳрвандон хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар иттиҳодияҳое, ки характери сиёсӣ доранд, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ аъзо шуда наметавонанд. Зеро мақсади асосии ҳизбҳои сиёсӣ ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ аст. Дар баробари ин гуфтан лозим аст, ки Конститутсияи ҶТ муқаррар менамояд, ки баёнгари асосии ҳокимияти давлатӣ халқи ҶТ мебошад. Аз ин лиҳоз ҳеҷ як шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд дар ҳаёти сиёсии давлат иштирок карда наметавонанд.

Билохира, ворид намудани тағйиротҳо ба моддаи 28 Конститутсияи ҶТ мазмуну муҳтавои ин меъёрро мукаммал намуда, ихтилоф миёни дигар меъёрҳоро барканор месозад ва онро ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқ мегардонад. Зеро ҳизби сиёсӣ бояд хусусияти динӣ ва атеистӣ надошта бошад!





**Дониёр САНГИНОВ**
*мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат*

# ОИД БА БАЪЗЕ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ АСОСӢ

Ваъзи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолатҳои дигар дар давлатҳои алоҳида зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро ба вуҷуд меорад, ки сабаби асосии он мутобиқ намудани меъёрҳои ин санад ба шароити зиндагии аъзои ҷомеа мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодати он аст, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия боиси пешрафти соҳаҳои алоҳидаи хоҷагӣ мегардад, механизми баамалбарорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд устувор мешавад.

Дар айни ҳол таҳлили тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи кишварҳои аъзои ИДМ воридгардида исботи он аст, ки ин амал боиси мукаммал гардидани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва бартараф кардани таҳдидҳо ба манфиатҳои миллӣ сурат гирифтаанд. Масалан, Конститутсияи Федератсияи Россия соли 1993 қабул гардида, солҳои 2008, 2014 ба он тағйиру иловаҳо ворид шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Казоқистон бошад, соли 1995 қабул гардид ва то ҳол ба он се маротиба (солҳои 1998, 2007, 2011) тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Дар Ҷумҳурии Озорбойҷон Конститутсия соли 1995 қабул гардида, солҳои 2002, 2009 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Конститутсияи ҶТ соли 1994 қабул гардида, солҳои 1999 ва 2003 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Баъд аз гузаштани 13 сол татбиқи меъёрҳои Конститусия вобаста ба дигаргуниҳои соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нишон дод, ки марҳилае фаро расидааст, то меъёрҳои Конститусия боз мукаммал гардонида шаванд. Вакилони Маҷлиси намояндагон 10 феврали соли 2016 дар иҷлосияи дуюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, даъвати панҷум қарор дар бораи таъини 22 майи соли 2016 санаи баргузории раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ-ро қабул намуданд.

Дар иртибот ба ин баъзе андешаҳои худро ба тағйиру иловаҳои моддаҳои 37, 38 ва 45 Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ мехоҳам баён намоям.

1. Дар моддаи 37-ум пешниҳод шудааст, ки калимаи "пулӣ" ба калимаи "пардохтшаванда" иваз карда шавад.

Дар айни ҳол моддаи мазкур чунин муқаррар шудааст: "Шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пулӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст".

Ин тағйирот ба рухсатиҳои ҳарсолаи меҳнатӣ дахл дошта, калимаи "пардохтшаванда" назар ба калимаи "пулӣ" мазмунан мувофиқтар мебошад. Дар қонунгузории соҳавии амалкунанда низ истилоҳи "пардохтшаванда" истифода шудааст.

Дар асоси моддаи 4 Кодекси меҳнатии ҶТ аз 15 майи соли 1997 давлат ба ҳар як корманд ҳуқуқро барои инҳо кафолат медиҳад: ба таври одилона қадр кардани меҳнат ва саривақт пардохтани музди он; истироҳате, ки бо роҳи муқаррар намудани давомнокии вақти корӣ, рӯзҳои истироҳати ҳарҳафтаина, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои кӯтоҳи кор барои як қатор ихтисос ва корҳо таъмин карда мешавад. Ё ин ки дар асоси моддаи 84 (1) Кодекси меҳнатии ҶТ кормандон ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва рухсатиҳои иҷтимоӣ бо мавҷуд будани асосҳои дар ҳамин Кодекс пешбинишуда ҳуқуқ доранд. Таҳлили дигар моддаҳои Кодекси меҳнатии ҶТ тасдиқи он аст, ки калимаи "пардохтшаванда" мутааллиқ ба қонунгузории меҳнатӣ мебошад ва дар фарқият аз қонунгузории граждансӣ, ки дар он калимаи "пулӣ" истифода мегардад он наметавонад ифодакунандаи хусусияти муносибатҳои меҳнатӣ бошад.

2. Дар қисми якуми моддаи 38-ум пешниҳод шудааст, ки калимаи "туризм" ба калимаи "сайёҳӣ" иваз карда шавад.

Дар айни ҳол моддаи мазкур чунин муқаррар шудааст: "Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад. Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад".

Зарурати ин тағйирот ба он иртибот дорад, ки калимаи "сайёҳӣ" калимаи "туризм"-ро ифода мекунад ва мувофиқи мақсад аст, ки дар Конститутсия ин вожаи тоҷикӣ истифода шавад.

Сайёҳӣ - шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад. Дар асоси моддаи 3 Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" аз 5 октябри соли 2009 забони давлатии ҶТ забони тоҷикӣ аст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҶТ ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд (моддаи 6). Аллакай аз соли 1985 инҷониб тарҷумаи ин калимаҳо дар забони давлатӣ ҷой дошт. Масалан туризм - сайёҳӣ ва турист - сайёҳ. Дар айни ҳол бошад мақомоти давлатии идоракунандаи ин соҳа Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ ном дорад. Яъне дурустии истифодаи калимаи тоҷикии "сайёҳӣ" ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам дар амалия исбот шудааст.

3. Дар моддаи 45-ум пешниҳод шудааст, ки калимаҳои "додани" ва "вазифаи ҳар кас мебошад" ба калимаҳои "супоридани" ва "ҳатмист" иваз карда шаванд.

Дар айни ҳол моддаи мазкур чунин муқаррар шудааст: "Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд".

Ин тағйирот ба супоридани андозҳо ва пардохтҳо дахл дошта, ҳатмӣ будани супоридани онҳоро таъкид мекунад. Калимаҳои "супоридан" ва "ҳатмист" дар ин ҷо мазмунан мувофиқтар буда, онҳо дар қонунгузории амалкунандаи соҳаи андоз низ истифода шудаанд.

Дар Кодекси андози ҶТ аз 17 сентябри соли 2012 муқаррар шудааст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд ҳамаи намуди андозҳоро, ки Кодекси мазкур муқаррар намудааст ва мутобиқи Кодекси мазкур нисбат ба онҳо андозсупоранда мебошанд, супоранд (моддаи 5). Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад (моддаи 7). Истифода гардидани калимаи "кас" низ пурра қонунгузории андозро фаро намегирад, чунки андозсупоранда на танҳо шахси воқеӣ балки шахси ҳуқуқӣ низ мебошад.

Андеша дорам, ки бо масъулияти баланд кулли мардуми тоҷик ба тағйиру иловаҳои Конститутсияи ҶТ шинос шуда, дар рӯзи раъйпурсӣ бо ҳисси баланди ватандустӣ иродаи худро ифода менамоянд.



# ҚАТЪШАВИИ АҚДИ НИКОҲ - МУШКИЛОТИ ҶОМЕА



**Шодмон АЛИЗОДА**
*судяи Суди Олии ҶТ*



Дар замони муосир қатъ гардидани ақди никоҳ ва ҷудошавии оилаҳо аз мушкилиҳои доғи рӯз маҳсуб меёбад. Чун дар таҷриба қатъгардии ақди никоҳ зиёд ба чашм мерасад ва он аз ҷумлаи падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ маҳсуб меёбад, аз ин рӯ он бо Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 29 майи соли 2003 таҳти №10 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои ҶТ баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ" танзим меёбад.

Қонунгузории ҶТ ба таҳкими оила ва бунёди муносибатҳои оилавӣ равона шуда, асоси онро принсипи ихтиёрӣ будани муносибатҳои никоҳии зану мард ташкил медиҳад. Барои бастани ақди никоҳ розигии ихтиёрии якҷояи зану мард, расидан ба синни никоҳӣ, барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бошад, инчунин истиқомат дар қаламрави ҶТ на камтар аз як соли охир ва бастани аҳдномаи никоҳ ба тарви ҳатмӣ зарур аст.

Никоҳ як навъ шакли давлатии эътирофи муносибатҳои байни марду зан буда, бекор кардани он шакли қатъ гардидани ин муносибатҳо мебошад.

Ҳамаи мушкилиҳо вобаста ба бунёд, ташаккул ва барҳамхӯрии оила, аз ҷумла проблемаҳои ҳуқуқӣ ҳамавақт буданд, ҳастанд ва хоҳанд буд, зеро аз қадим тибқи суннатҳои миллӣ никоҳу оила дар ҷамъияти мо арзиши хоса дошта, дар маҷмӯъ ҷузъи ҷудонашавандаи тамаддуни башарият мебошанд. Бесабаб нест, ки тибқи моддаи 33 Сарқонун давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Боби 4 Кодекси оилаи ҶТ муносибатҳои барҳамхӯрии оилаҳо ё аниқтраш қатъи ақди никоҳро ба танзим медарорад. Қатъи ақди никоҳ бо ду роҳ амалӣ карда мешавад:

1. Дар натиҷаи вафот ё яке аз ҳамсаронро фавтида эълон намудани суд (қатъи муқаррарии никоҳ);
2. Бо роҳи бекор кардани никоҳ дар асоси аризаи зан ё шавҳар ё ҳардуи онҳо, васии зан ё шавҳаре, ки суд ӯро ғайри қобили амал эътироф намудааст, инчунин прокурор.

Вале қонун дар мавриди бо роҳи дуюм қатъ кардани никоҳ баъзе маҳдудиятҳоро низ пешбинӣ намудааст. Масалан мутобиқи моддаи 17 Кодекси оилаи ҶТ шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуми соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оид ба бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд. Ин талабот ба ҳолатҳое, ки кӯдак мурда таваллуд шуда бошад ё дар муддати то ба синни яксолагӣ расидан вафот карда бошад, низ тааллуқ дорад.

Тибқи талаботи моддаи 42 Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" аз 29 апрели соли 2006 ҳангоми мавҷуд будани розигии мутақобилаи ҳамсарон барои бекор кардани ақди никоҳ, ки аз ҳамин ақди никоҳ фарзандони умумии ноболиғ надоранд, ақди никоҳ дар мақомоти САҲШ бекор карда мешавад.

Бекор кардани никоҳ бо розигии зану шавҳаре, ки фарзандони муштараки ноболиғ надоранд, сарфи назар аз он ки дар байни зану шавҳар дар хусуси тақсими амволе, ки моликияти умумии онҳо мебошад, баҳс вуҷуд дорад ё не, дар бораи пардохтани маблағ барои таъмини ҳамсари ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ сурат мегирад. Истисноро ҳолатҳое ташкил мекунанд, ки вақте яке аз ҳамсарон ба набудани норозигиаш нигоҳ накарда, барои бекор кардани никоҳ саркашӣ менамояд. Масалан, аризаи якҷоя барои бекор кардани никоҳ ва ё аризаи алоҳида доданро дар ҳолате, ки вай ба мақомоти САҲШ барои аризаи якҷоя додан имконияти шахсан омаданро надорад, рад мекунад.

Тартиби бекор кардани никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба шахсоне, ки бар асари бемории рӯҳӣ ё сустақлиашон ғайри қобили амал эътироф шудаанд, ба ҳолатҳои бекор намудани никоҳ бо шахсе, ки бо сабаби сӯистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ё моддаҳои нашъаовар ғайри қобили амал эътироф шудааст, паҳн намегардад. Дар ин маврид бекор намудани никоҳ бо тартиби умумӣ сурат мегирад.

Парвандаҳо оид ба бекор кардани никоҳ бо ашхосе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, дар сурати ба суд тобеият доштани ин парвандаҳо, бо риояи қоидаҳои умумии тобеият, баррасӣ карда мешаванд. Агар аризаи даъвогӣ оид ба бекор намудани никоҳ бо шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда аз тарафи суд қабул карда шавад, дар ин маврид бояд ҷои истиқомати охирини шахс то маҳкум шудани ӯ ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат даъво нисбати ашхосе, ки барои содир намудани ҷиноят ба муҳлати на камтар аз се сол аз озодӣ маҳрум шудаанд, мумкин аст дар ҷои истиқомати даъвогар арз карда шавад.

Даъво оид ба бекор намудани никоҳ бо шахсе, ки ҷои истиқоматаш номаълум аст, мумкин аст бо интихоби даъвогар, яъне ба ҷои зисти охирини ҷавобгар ё машғулияти доимиаш ё ба ҷои ҷойгиршавии амволи он пешниҳод карда шавад, аммо дар сурати дар таъмини даъвогар будани фарзандони ноболиғ ё аз сабаби бад будани ҳолати саломатиаш ба ҷои истиқомати ҷавобгар рафта натавонистани даъвогар, ба ҷои истиқомати даъвогар пешниҳод кардан мумкин аст .

Бекор кардани никоҳ бо ашхоси бедарак ғоибшуда, новобаста аз он, ки зану шавҳар фарзандони умумии ноболиғ доранд, дар мақомоти САҲШ ба амал бароварда мешавад.

Дар ҷамъияти имрӯза ва умуман дар ҳамаи давраи тараққиёт кори шахсии ду нафар, яъне зану мард оид ба давом додани оиладорӣ ё қатъ гардонидани он ба манфиатҳои оммавӣ мубаддал мегардад. Ҷамъият дар интихоби ду ҳолати ногувор қарор мегирад. Аз як тараф нигоҳ доштани оилае, ки дар он муносибатҳои ҳамсарон тезу тунд ва доимо ҷанҷол аст ва ба ин тарбияи фарзандони ноболиғ зараровар аст, махсусан дар он ҷое ки зуроварӣ нисбати зан ва кӯдак аст. Аз тарафи дигар бекоршавии никоҳ, яъне барҳамхӯрии оила ва тарбияи фарзандони ноболиғ дар оилаи нопурра дар бисёр маврид ба беназоратии кӯдакон ва оқибат ба зиёдшавии ҷинояти ноболиғон оварда мерасонад.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки ҷуфтҳои ҷавон ҳатто як сол зиндагӣ накарда аз ҳам ҷудо мешаванд. Ин тибқи маълумоти дар шабакаҳои интернетӣ чопшуда. Масалан дар яке аз ноҳияҳои ҷумҳурӣ бештар аз нисфи ҷуфтҳое, ки соли гузашта ҷудо шудаанд, ҳадди аққал то се сол бо ҳам зиндагӣ кардаанд.

Бинобар ҳамин дар пешгирӣ кардани ҷудошавии оилаҳо судяҳо нақши бениҳоят муҳим ва ҳалкунанда доранд. Бо дарки ҳамин масъулияти баланд ҳангоми баррасии чунин категорияи парвандаҳо судяҳо бояд барои оштӣ додани зану шавҳар тадбирҳо андешанд. Яке аз чунин тадбирҳо аз он иборат аст, ки суд ҳуқуқ дорад баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба ҳамсарон барои оштишавӣ то шаш моҳ муҳлат таъин намояд. Вобаста ба ҳолатҳои кор суд ҳуқуқ дорад бо хоҳиши ҳамсар ё бо ташаббуси худ баррасии парвандаро якчанд маротиба мавқуф гузорад, лекин дар ҳар ҳолат муҳлати барои оштишавӣ таъинкардашуда набояд аз муҳлати шашмоҳаи бо қонун муқаррааргардида зиёд бошад.

Ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ суд вазифадор аст, ки асосҳои бекоршавии никоҳро ҳаматарафа мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор диҳад. Барҳамхӯрии кӯтоҳмуддати оила ё вачҳҳои аниқ тасдиқнагардидаи хоҳиш надоштани ҳардуи ҳамсар оид ба давом додани никоҳ ва барои бекор кардани никоҳ асоси кофӣ ҳисобида намешаванд.

Агар ҳангоми бо тартиби судӣ бекор намудани никоҳ муқаррар гардад, ки зану шавҳар дар бобати бо кадоме аз онҳо зиндагӣ намудани фарзандони ноболиғ, тартибу андозаи маблағи барои таъмини фарзандон ё ҳамсари ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд пардохташаванда, инчунин дар бораи тақсимоти амволи муштаракашон ба созиш наомадаанд ё муқаррар карда шавад, ки чунин созиш бастаанду лекин он манфиати фарзандон ё яке аз ҳамсаронро вайрон месозад, суд ин масъалаҳоро бо талаби бекор намудани никоҳ моҳиятан дар як вақт ҳаллу фасл менамояд.

Бинобар ин мувофиқи қонун суд вазифадор аст:

- муайян намояд, ки фарзандони ноболиғ пас аз бекор кардани никоҳ бо кадоме аз волидон зиндагӣ мекунанд;
- барои таъминоти фарзандон аз кадоме аз волидон ва ба кадом андоза алимент ситонида мешавад;
- бо талаби зану шавҳар (яке аз онҳо) амволи дар таҳти моликияти муштараки онҳо қарордоштаро тақсим намояд;
- бо талаби зан ё шавҳаре, ки аз ҳамсари худ ба гирифтани таъминот ҳуқуқ дорад, андозаи ин таъминотро муайян намояд.

Ҳангоми бекор кардани ақди никоҳе, ки яке аз тарафҳо шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд мебошад, суд вазифадор аст таъмини иҷрои аҳдномаи никоҳро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар китоби САҲШ ва ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ дар суд, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд қатъ мегардад.

Аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд оид ба фавтида эълоншуда ё бедарак ғоибшуда эътироф кардан, никоҳ бо ин шахс қатъгардида ҳисоб мешавад. Ҳамсари чунин шахс метавонад бо дигар шахс ақди никоҳ бандад. Вале шахси фавтида эълоншуда агар ӯ дар ҳақиқат зинда бошад, новобаста аз он, ки ба ӯ оид ба фавтида эълон шуданаш маълум гардидааст, ҳуқуқ надорад бо дигар шахс ақди никоҳ бандад. Чунин никоҳ мумкин аст беэътибор дониста шавад.

Дар сурати ҳозиршавии зан ё шавҳаре, ки суд фавтида эълон намудааст ё бедарак ғоибшуда эътироф кардааст ва бекор кардани ҳалномаҳои дахлдори судӣ, мақомоти САҲШ метавонад дар асоси аризаи якҷояи зану шавҳар ақди никоҳро барқарор намояд. Вале агар зан ё шавҳар бо дигаре никоҳ карда бошад, дар чунин маврид ақди никоҳ барқарор карда намешавад.

Бекор кардани никоҳи шаҳрвандони ҶТ бо шаҳрвандони хориҷӣ ё ашхоси бешаҳрвандӣ, инчунин никоҳи байниҳамдигарии шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ тибқи қонунҳои ҶТ сурат мегирад.

# ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ - ТАҚОЗОИ ЗАМОН



**Қурбон ҚУРБОНОВ**
*мудири кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ*

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бузургтарин дастоварди ҳуқуқии ҶТ қабули Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ мебошад. Дар тӯли зиёда аз 20 сол ин санади сарнавиштсоз дар бунёди давлати навини тоҷикон, таҳкими истиқлолият, ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ ва танзими тамоми масъалаҳои муҳими ҷамъият дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ нақши муассир гузошт.

Пешрафту инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати такмили меъёрҳои алоҳидаи Конститутсияро тақозо менамояд. Ин амри воқеӣ буда, табиати объективӣ дорад. Маҳз бо ҳамин сабаб солҳои 1999 ва 2003 ба Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, вазъи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, фаъолияти муташаккил ва касбии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мустақилияти ҳокимияти судӣ таъмин гардида, боиси боз ҳам боло рафтани обрую нуфузи ҶТ дар арсаи байналмилалӣ гардид.

Қобили зикр аст, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон танҳо бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ имконпазир буда, танҳо халқи Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ метавонад тағйиру иловаҳо ба матни Конститутсияро қобили қабул донанд.

Тибқи моддаи 99 Конститутсияи Тоҷикистон тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд. Пешниҳоди тағйиру иловаҳои Конститутсия се моҳ пеш аз раъйпурсӣ дар матбуот чоп мешавад.

Аз ин ҳуқуқи конститутсионии худ истифода карда, як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия пешниҳод намуданд, ки онҳо 22 январи соли 2016 дар ҷаласаи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ баррасӣ гардиданд.

Суди конститутсионии ҶТ 4 феврали соли 2016 тарҳи мазкурро баррасӣ намуда, ба қароре омад, ки тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридшаванда ба марҳалаи имрӯзаи рушд ворид шудани давлат ва ҷомеа мувофиқ буда, онҳо ба мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ, тақвияти кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими мақоми конститутсионии шаҳрвандӣ, ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ташаккули мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷалби фаъолонаи шаҳрвандон, дар навбати аввал ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ равона гардидаанд. Онҳо ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тақвият бахшида, дар маҷмӯъ ба таҳкими амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд. Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда дар маҷмӯъ арзишҳои волои Конститутсияро таҳким бахшида, инъикоси минбаъдаи раванди демократикунонии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон, тақвияти ҳифзи ҳуқуқии шахс, фарогири идомаи ислоҳоти сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқию судӣ дар мамлакат мебошанд. Онҳо ба мукаммал намудани меъёрҳои Конститутсия равона гардида, ба амалияи таҷрибаи ҷаҳонӣ ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, ба арзишҳо ва принсипҳои асосии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ мувофиқ мебошанд. Бинобар ин, Суди конститутсионии ҶТ лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба ном ва матн, моддаҳои 1, 5, 7, 8, 14, 15, 16, 18, 20, 27, 28, 32, 34, 37, 38, 40, 45, 49, 51, 56, 61, 64, 65, 69, 71, 73, 74, номи боби шашум, моддаҳои 76, 78, 79, 84, 85, 86, 89, 91, 93 ва муқарраротии интиқолии дар Конститутсия воридшавандаро ба Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ мутобиқ донист.




Рӯзи 10 феврали соли 2016 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ санаи баргузории раъйпурсии умумихалқиро дар иртибот ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ муайян намуданд ва он 22 майи соли 2016 таъин гардид.

Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия аз инҳо иборат аст:

1. Рушди устувору босуботи ҷомеа тақозо менамояд, ки меъёрҳои Конститутсия пайваста такмил дода шаванд. Яъне, тағйирот ба Конститутсия барои рушди соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мусоидат карда метавонад.

2. Тағйиру иловаҳо ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояю ҳифзи онҳо мусоидат менамоянд.

3. Таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ, фаъолияту ҳамкориҳои байниҳамдигарии онҳо.

4. Бо назардошти рушди забони давлатӣ мутобиқгардонии матни Конститутсия ба истилоҳҳо ва ибораву калимаҳои он.

5. Мутобиқ гардонидани Конститутсияи ҶТ ба истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ.

Ҳамаи ин омилҳои муайянкунанда зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия буда, вобаста ба он халқи ҶТ бояд иродаи худро рӯзи 22 майи соли 2016 иброз намояд.

Дар тағйиру иловаҳои ба Конститутсия пешниҳодшаванда як қатор навгониҳое мавҷуданд, ки қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Пеш аз ҳама, ин таҳрири забонии матни Конститутсия мебошад (аз қабили хориҷ намудани калимаи "Сарқонун" аз ном ва матни Конститутсия, иваз намудани калимаи "марз" ба калимаи "ҳудуд" ва ғайра). Баъзе тағйироти истилоҳот сарбории меъёрӣ ва мазмунӣ низ дорад. Масалан, пешниҳод шудааст, ки дар қисми чоруми моддаи 8 калимаи "Ташкилотҳои" ба калимаи "Иттиҳодияҳои" иваз карда шавад. Чунин ивазнамоии калимаҳо боиси дақиқии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ гардида, тамоми навъҳои созмонҳо бо он фаро гирифта мешаванд.

Нуқтаи дигари муҳим ин танзими масъалаҳо вобаста ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Тавре маълум аст, имрӯз вазъи амният дар тамоми ҷаҳон ҳассос буда, гурӯҳҳои ифротиву канора зиёд шуда истодаанд. Бинобар ин, дар лоиҳаи тағйироти пешниҳодшаванда омадааст, ки "Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст". Муқаррароти мазкур барои баробарии ҳизбҳо ва дар заминаи сирф манфиатҳои миллӣ амал намудани онҳо мусоидат карда, боиси пешгирии хатари низоъ аз хориҷи кишвар мегарданд.

Тағйироти ба қисми 2 моддаи 34 Конститутсия пешниҳодшаванда бори дигар тасдиқ мекунад, ки сиёсати пешгирифтаи Президенти ҶТ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бахши масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд оқилона ва саривақтӣ буда, он аз ҷониби кулли халқи Тоҷикистон дастгирӣ ёфтааст.

Гувоҳи ин гуфтаҳо аз ҷониби намояндагони халқ пешниҳод гардидани меъёри зерин ҳамчун таҳрири нави қисми 2 моддаи 34 Конститутсия мебошад: "Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд".

Кафолати муҳим барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат ин баробар кардани синну соли номзадҳо дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - Президенти ҶТ ҳамчун сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия, вакилони Маҷлиси намояндагон ва узви Маҷлиси миллӣ ҳамчун мақомоти қонунгузор ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе ҳамчун мақомоти судӣ мебошад.

Дар иртибот бо вазъи ҳуқуқии Президенти ҶТ ба моддаи 65 Конститутсия қисми панҷум илова гардидааст, ки тибқи он маҳдудияти пай дар пай интихоб шудан ба вазифаи Президенти ҶТ нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат паҳн намегардад. Гузашта аз он, вазъи ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад. Ин таклифи таҳиягарони лоиҳа қобили дастгирӣ ва пазироии хоса буда, аз мақому манзалат, обрӯю эътибор ва нақши Президенти ҶТ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду нумӯи давлат шаҳодат медиҳад.

Арҷ гузоштан ба хизматҳои ин шахсияти таърихӣ нишони сипосгузорӣ буда, аз ҳар нафари ватандӯсту меҳанпараст тақозо менамояд, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ рӯзи 22 майи соли 2016 фаъолона ширкат варзида, баояндаи худ раъй диҳад.

Ҳамин тавр, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия иқдоми саривақтӣ ва рӯзмарра буда, баҳри ободонӣ ва гулгулшукуфоии давлату ҷомеаи Тоҷикистон равона шудааст.

# ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ ВА СОМОНАҲОИ ИҶТИМОӢ - ТАРҒИБГАРИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР



**Далер Кодиров**
*аспиранти кафедраи криминалистикаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Москва ба номи О.Е. Кутафина*

Яке аз унсурҳои таркиби тавсифи криминалистии ҷиноят ин тарзи содир кардани ҷиноят мебошад ва яке аз тарзҳои содир намудани ҷинояти мазкур ин тавассути интернет содир намудан ба ҳисоб меравад.

Дар оғози ҳарзорсолаи сеюм нашъаҷалобӣ ва нашъамандӣ як фоҷиаи хавфнок барои кулли ҷомеаи шаҳрвандӣ гаштааст. Гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ яке аз мушкилиҳои гобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар худ характери транснатсионалиро гирифтааст. Аз рӯи маълумотҳои СММ айни ҳол тақрибан 200 миллион нафар ва ё 5%-и аҳолии ҷаҳон аз рӯи синну соли аз 5 то 64-сола аз воситаҳои нашъадор истифода мебаранд, ки ин хело ташвишовар мебошад.

Аз рӯи маълумотҳои Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ соли 2014 628 ҷиноят вобаста ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумораи умумии ҷиноятҳои содиршуда 5 % -ро ташкил медиҳад.

Паҳннамоии ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ яке аз проблемаҳои таҳдидкунанда ба ҷомеаи Тоҷикистон буда, сабаби халал расонидан ба афзоиши аҳолӣ, иқтисодиёт ва иқтидори мудофиавӣ давлат мегардад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ҶТ синни миёнаи истеъмолкунандагони воситаҳои нашъадор аз ҷумлаи ҷавонони то 30-сола мебошанд ва синни поёнии онҳо 13-сола аст. Вале баъзе аз нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки кӯдакони 9 ва 10-сола ҳам аз назар дур нест.

Айни ҳол воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас мебошад. Ҳастанд воситаҳои нашъадор барои шаҳрвандони сатҳи иҷтимоияшон баланд (бой) ва барои шаҳрвандони сатҳи иҷтимоияшон паст (камбағал), инчунин барои шаҳрвандони сатҳи иҷтимоияшон олӣ (бойтар) ва шаҳрвандони сатҳи иҷтимоияшон аз бениҳоят паст (камбағалтар). Ин ҳолатҳо гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки паҳнкунандагони воситаҳои нашъадор барои истеъмолкунандагон ҳамаи шароитҳои дастрас намудани чунин воситаҳоро фароҳам овардаанд. Яке аз чунин воситаҳои қуллай дастрас намудани маводи мухадир ин тавасути шабакаи Интернет мебошад. Ҳамчунин тарғиби аз ҳама зиёди навъҳои он, нархҳои дилхоҳи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар сомонаҳои гуногуни Интернетӣ низ мавҷуд мебошад.

Шабакаи Интернет аз як тараф агар шароити хуб барои воқеъгардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти соҳибкорӣ, фарҳангӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолияти онҳо муҳаё созад аз тарафи дигар бисёр воситаи хуб барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун, аз ҷумла хариду фурӯши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор мебошад.



Сомонаҳои интернетӣ, ки дорои функсияҳои зиёди пинҳонӣ содир намудани ҷиноятро доро мебошанд, диққати ҷинояткоронро ба худ бениҳоят зиёд ҷалб намудаанд.

Аз ин рӯ, яке аз проблемаҳои асосии ғайриқонунӣ хариду фурӯш намудани воситаҳои нашъадор ин паҳннамоии он тавассути шабакаи Интернет мебошад. Чунки тавассути Интернет паҳн намудани воситаҳои нашъадор хусусияти худро дорад: истеъмолкунанда (муштарӣ) ва паҳнкунанда (фурӯшанда) бе муайянкунии шахсияти якдигар ва бе ягон муносибати наздик воситаҳои нашъадорро хариду фурӯш менамоянд, ки ҳатто якдигарро намешинсанд.



Манбаъҳои дохилкунии воситаҳои нашъадор ин шумораи зиёди "WEB-саҳифа"-ҳоро дар бар мегирад: рекламаҳои худи воситаҳои нашъадор, тавсифи ҳаёти истифодабарандагон, тарғиби воситаҳои нашъадор ва таъсирбахшӣ пас аз истеъмол ва ғ. Дар низоми ҷустуҷӯии саволи "наркотики" (воситаи нашъадор) ва ё калимаҳои ба ин монанд тақрибан 5-ҳазор сомонаҳоро пайдо мешаванд, ки аз онҳо танҳо тақрибан 1%-аш зидди маводи мухадир мебошад. Боқимонда саҳифаҳо (сомонаҳо) барои таблиғи воситаҳои нашъадор ва таснифи ҳаёти нашъамандон кушода шудаанд.

Маълумот оид ба воситаҳои нашъадор бо чунин роҳҳо паҳн карда мешаванд: рекламаҳо, таблиғот ва паҳннамоии воситаҳои нашъадор, пешниҳод оид ба фурӯши воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо. Ба ғайр аз ин дар баъзе аз сомонаҳои иҷтимоӣ наворҳои видеоии хусусияти рекламавидошта, видео ва аудио вобаста ба ҷараёни тайёркнии воситаҳои нашъадор, воситаҳои омехтакунии маводи мухаддир, наворҳо оид ба асбобҳои истеъмол, ҳамчунин барномаҳои махсуси паҳнкунӣ, истеъмол ва истеҳсоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ мавҷуд мебошад.

Инчунин барои паҳннамоии воситаҳои нашъадор аз саҳифаҳои маъмули иҷтимоӣ ба монандӣ: "одноклассники", "В-контакте", "viber", "WhatsApp", "Mail.Ru", "E-mail", "Gmail", "Facebook" ва ғайра истифода менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки барои фош намудани хариду фурӯши воситаҳои нашъадор ва ошкор кардани ҷиноятҳои марбут ба он, ки дар саҳифаҳои интернетӣ нашр мегарданд, қунунгузории ҶТ тартиби махсусро муқаррар намудааст. Масалан дар Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" (25.03.2011) дар моддаи 6 ҷорабинии фаврӣ-ҷустуҷӯӣ "гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа" муқаррар шудааст. Бо истифода аз меъёри мазкур бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ мақомоти салоҳиятноки давлатӣ ҳангоми содиршавӣ ё содир шудани ҷиноят метавонанд аз чунин ҷорабинӣ истифода намоянд. Вале проблемаи асосӣ дар он аст, ки аксарияти ҷинояткорон бо ному насаби қалбакӣ аз чунин саҳифаҳо истифода менамоянд.

Чуноне дар боло қайд кардем, аксарияти саҳифаҳои интернетӣ, ки ба рекламаҳои маводи мухаддир сару кор доранд дастраси умум мебошанд. Аз шаҳрвандон хоҳиши онро дорем, ки ҳангоми ба чунин сомонаҳо вохурдан ва ё бохабар будан аз чунин саҳифаҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар расонанд. Инчунин аз мақомоти босалоҳияти ҳифзи ҳуқуқ хоҳиши онро менамоем, ки барномаҳои назоратии боз ҳам қавитар созанд, то ки шаҳрвандон имконияти дастрасӣ ба чунин сахифаҳоро надошта бошанд.

Ҳамчунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷинояткорон аз шабакаҳои интернетии дилхушкунанда ба қавле "Интернет-кафе", истифода менамоянд. Аз мақомоти салоҳиятдор талаб карда мешавад, ки назоратро дар ин самт қавитар намоянд.

# ПЕШНИҲОД ОИД БА ТАКМИЛИ КОДЕКСИ МАНЗИЛ ВА ОИЛА

Ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар ҳолати гузариш аз як низоми ҷамъиятӣ ба дигар низоми ҷамъиятӣ қарор дорад, айни замон ба қонунҳою кодексҳои нав дар соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, граждани, соҳибкорӣ, мурофиавӣ ва ғайраҳо ниёз дорад. Дар давраи солҳои истиқлолият дар кишвар қонуну санадҳои зиёди барои ҷомеа зарурӣ қабул гашта истодаанд, ки имрӯз дар ҳаёти кишвар ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳмгузор мебошанд. Дар ин асос тибқи таҷрибаи ҳосилшудаи фаъолияти мақомоти прокуратураи вилояти Хатлон аз ҳодисаҳои бавуқӯъпайваста чунин таклиф менамоям, ки ба моддаи 122-и Кодекси манзили ҶТ тағйирот дароварда шавад, ки он ҳуқуқ ва вазифаҳои оила ва аъзои собиқи оилаи моликро муайян кардааст. Мувофиқи он аъзои оилаи молик, ки дар бинои истиқоматиаш (квартирааш) ҷой дода шудаанд, ҳақ доранд баробари ӯ аз манзили истиқоматии бино, агар ҳангоми ҷойгир шудан тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, истифода баранд. Онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар хонаи барояшон ҷудонамудаи молик фарзандони ноболиғи худро ҷой диҳанд. Ҷойгир кардани дигар аъзои оилаи онҳо танҳо бо розигии молик имконпазир аст. Ин ашхос ҳуқуқи истифодаи хонаро дар мавриди қатъ гардидани муносибати оилавӣ бо молик низ нигоҳ дошта, вале уҳдадоранд хароҷоти нигоҳдошти бино (квартира), рӯи ҳавлӣ ва таъмири асосиро пардозанд.

Моддаи мазкури Кодекси манзили ҶТ ба бознигарӣ эҳтиёҷ дорад, зеро урфу одатҳо ва анъанаҳои миллати тоҷик ба сукунати зану шавҳар баъди ҷудошавӣ (талоқ додан) созгор нест. Шояд масъала пеш гузошта шавад, ки ҷомеа демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст ва мо тарзи дунявии зисту зиндагиро ихтиёр кардаем. Набояд фаромӯш кард, ки хоҳем, нахоҳем дар таҷрибаи ҳаётии ҳар як миллату халқият фарҳангу оин, дину мазҳабаш нақши мондагор дорад. Дар ин асос махсусан урфу одатҳои гузаштагон, аз қабили никоҳи исломӣ, талоқ қатъи назар аз эътирофи расмӣ нашуданашон дар ҷомеа ва ҳаёти шаҳрвандон нақши калидӣ доранд ва маълум нест, ки ҷомеа аз ин анъанаҳои қадимаи худ кай даст мекашад. Аз тарафи дигар баъди ҷудошавии зану шавҳар бо ҳалномаи суд маскун гаштани зан бисёр вақт боиси норозигӣ, ҷангу ҷанҷол ва номувозинатии собиқ оилаҳо гашта, таъсири сахти равонии худро ба тарбияи ноболиғон ва ҳамчунин муҳити ҳамсоягон ва ҷомеа мерасонад.

Мисоли барҷастаи ин, ҳодисаи санаи 30 июни соли 2015 руходда мебошад, ки аз тарафи шаҳрванд Аҳмадов М. Д. (соли таваллудаш 1960), истиқоматкунандаи ноҳияи Кӯлоб, ҷамоати деҳоти Кӯлоб, деҳаи Лагмон, соати 15.00 дар назди мағозаи хӯрокаи макони зикршуда, бинобар сабаби хусумат ва бадбинӣ доштанаш нисбати собиқ келинаш Алиҷонова Н.Ш. (соли таваллудаш 1992)-ро бо корд ба қатл мерасонад, ки мавсуф бо ҳалномаи суди шаҳри Кӯлоб аз 12 марти соли 2013 дар хонаи собиқ шавҳараш Раҳматов Л.М. маскун карда шуда буд. Дар ин ҷо бешубҳа урфу одатҳои ба истилоҳ кухна (ҷоиз набудани мукотиба ва дидор бо арӯсу келини се талоқ ёфта) рӯи об мебарояд. Дар ҳамин асос муносибатҳои байни Аҳмадов М.Д. ва келинаш Алиҷонова Н.Ш. тезутунд гашта, ба содиршавии куштори қасдона оварда расонидааст. Илова бар ин чунин амал баъди бо ҳалномаи суди ноҳияи Қумсангир дар як қисми хонаи молик, маскун намудани собиқ келинаш муқаррар шуда буд, ки баъди чанде боиси марги келин гаштааст.

Аз ин рӯ, чунин меҳисобем, ки ибораи сукунат аз ин моддаи Кодекси манзили ҶТ хориҷ карда шуда, сари масъалаи мустаҳкам намудани оилаҳо дар қисмати аҳди оиладорӣ, доираи масъулияти зану шавҳар дар Кодекси оилаи ҶТ мустаҳкам карда шуда, дар сурати имконнопазир гардидани оштишавии тарафҳо, тарафи ташаббуси ҷудошавӣ намуда вазифадор карда шавад, ки сари масъалаи бо ҷои истиқоматӣ таъмин намудани тарафи дигар масъул бошад. Мутобиқ ба талаботи созишномаи никоҳӣ, дар ҳолати аз байн бурдани маскункунӣ зарурияти вориди тағйироту иловаҳо ба Кодекси оилаи ҶТ ба миён омада, дар он бастани созишномаи никоҳ ҳатмӣ гардонида шавад ва ин меъёр проблемаҳои вобаста ба маскун карданро аз байн мебарад.

Ғайр аз ин дар моддаи 22 Кодекси оилаи ҶТ бекор кардани ақди никоҳ дар ҳалномаҳои судӣ дарҷ карда мешавад, ки ба тариқи судӣ бекор кардани ақди никоҳ дар сурати розӣ набудани зан ё шавҳар барои бекор кардани никоҳ омадааст.

Зимни баррасии парвандаҳо дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, дар сурати розӣ набудани зан ё шавҳар барои бекор кардани ақди никоҳ, суд барои оштӣ додани зану шавҳар тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқ дорад, ки баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба зану шавҳар барои оштишавӣ то шаш моҳ мӯҳлат диҳад. Пас аз баровардани ҳалномаи суд оид ба додани мӯҳлати шашмоҳа, ки барои оштӣ шудани зану шавҳар аз тарафи суд дода дода шавад, оё тарафҳо дар мӯҳлати додашуда ягон маротиба вохӯрӣ мегузаронанд ё не, дар ин хусус чизе дар кодекси мазкур гуфта нашудааст.



**Зайниддин Варқаи Давлатҷон**
*Ёвари Прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи 1*



Аз ин лиҳоз пешниҳоди мо оид ба ин масъала чунин мебошад: дар вақти баровардани ҳалномаи суд дар он оид ба мӯҳлати шашмоҳаи оштишавӣ дарҷ гардида, вале вобаста ба тарз ва усули оштишавӣ ва ё ба созиш омадани ҳамсарон низ бояд тағйиротҳо ворид карда шаванд ва қабули банди ҳидояткунандаи вохӯрии тарафҳо бо миёнҷигарии шахсони масъул ва равоншиносон барои созиши байни зану шавҳар ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар ин ҳолат бо ҳалнома ба тариқи мушаххас уҳдадор намудани мақомоти салоҳиятдор (мақомоти САҲШ, шуъбаи кор бо занон) барои мусоидат намудан ба оштишавии ҳамсарон аз манфиат холӣ набуда, ин амал имконияти вайроншавии оилаҳоро дар ҷомеа метавонад камтар кунад ва ниёз ба тартиби маскункуниро низ то андозае аз байн барад.

Ҳоло дар Маҷлиси Олии ҶТ лоиҳаи Кодекси манзили ҶТ дар таҳрири нав мавриди муҳокима қарор дорад ва пешниҳоди мавҷуда - пешниҳоди саривақтӣ арзёбӣ хоҳад шуд.



# ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАЁТИ ҶОМЕА



**Исфандиёр Миралиев**
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ*

Нишонаи асосии давлати ҳуқуқбунёд ва шарти асосии сохтмони он сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, фарҳанги касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар шахсони мансабдор мебошад. Фарҳанги ҳуқуқӣ ин як намуди фарҳанги умумӣ буда, аз арзишҳои маънавӣ ва моддие иборат аст, ки ба фаъолияти ҳуқуқӣ тааллуқ доранд. Фарҳанги ҳуқуқӣ ҳодисаи ҳуқуқие мебошад, ки барои ҷамъият манфиатнок ва арзишнок аст. Он на фақат натиҷа, балки воситаи фаъолият мебошад. Ба ин маъно фарҳанги ҳуқуқии маънавӣ ин образи фикронӣ, меъёрҳо ва стандартҳои рафтор мебошад.

Фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, гурӯҳи одамон ва шахсони алоҳида ба тарви органикӣ бо ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, пайдоиш ва инкишофи он, бо ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқсозӣ ва дигар тарафҳои ҳуқуқии мавҷудияти ҷомеа алоқаманд аст. Дар ҷомеа зиндагӣ кардан ва аз ҷомеа озод будан ғайриимкон аст. Ҳар як инсоне, ки дар ҷамъият зиндагӣ мекунад ба низоми меъёрҳо ва анъанаҳои фарҳангӣ дохил шудааст. Аз талаботи ҷамъият пинҳон шудан мумкин нест. Ин маънои онро надорад, ки инсон аз ҳама гуна мустақилият маҳрум бошад ва натавонад он тавре ки ба ӯ зарур ва адолатнок аст, рафтор кунад. Ҷамъият ба шуурнокии ҳуқуқии ӯ таъсир расонида, ба аз худ кардани дониш ва таҷрибаи ҳуқуқии ӯ мусоидат менамояд ва фарҳанги ҳуқуқии ӯро ба вуҷуд оварда, ташаккул медиҳад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ бо фарҳанги сиёсӣ, ахлоқӣ, динӣ ва дигар намудҳои фарҳанг алоқамандии зич дорад. Пеш аз он бо тарбияти инсон, мутобиқ кардани ӯ ба тартибот, интизом ва эҳтиром ба қонунҳои мамлакат алоқаманд аст. Фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз элементҳои муҳими низоми ҳуқуқии ҷамъият буда, шарти иваznашавандаи фаъолияти мутаъдили давлат мебошад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеаи имрӯза нақши муҳим дорад. Нақши он дар ҷомеаи имрӯза бо функсияҳои он муайян карда мешавад. Маҳз муайян кардани функсияҳои он имкон медиҳад, ки нақши фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа дарк карда шавад. Фарҳанги ҳуқуқӣ функсияҳои зиёдро иҷро мекунад. Яке аз функсияҳои он ин функсияи даркнамой-азнавташкилкунӣ мебошад. Ин функсия бо фаъолияти назвриявӣ ва ташкилии сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст. Бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамон вақт имконпазир аст, ки шаҳрвандон дорои сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ бошанд. Хусусиятҳои муҳими фарҳанги ҳуқуқии шахс инҳо мебошанд: сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ, донистани қонунҳои амалкунандаи давлат, пеш аз ҳама Конститутсия (надонистани қонун инсонро аз ҷавобгарӣ озод намекунад), риоя кардан, иҷро намудан ва истифода бурдани ин қонунҳо. Танҳо донистани нишондодҳои қонун натиҷаи дилхоҳро намедиҳад. Аз ин рӯ, боварӣ ҳосил кардан ба зарурият, фоидаоварӣ ва мақсаднокии қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, розӣ будан бо нишондодҳои онҳо, дуруст дарк намудани ҳуқуқ, уҳдадорӣ, озодӣ ва масъулияти худ шарти зарурии фарҳанги ҳуқуқӣ маҳсуб мешаванд. Дарк намудани ҳолати ҳуқуқии худ дар ҷамъият, меъёрҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо дигар одамон, амалҳои фаъоли ҳуқуқӣ, яъне фаъолияти ташаббускорӣ ва мақсаднокии субъект оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, мубориза бар зидди кирдорҳои ғайриқонунӣ, дастгирӣ кардани тартиботи ҳуқуқӣ, аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ низ аз унсурҳои муҳими фарҳанги ҳуқуқӣ маҳсуб мешаванд.

Фарҳанги ҳуқуқӣ барои амалӣ гардонидани принсипи либералӣ-демократии "ҳамаи чиз ҷоиз аст, ғайр аз дар қонун манъшуда" нақши муҳимро мебозад. Инсоне, ки сатҳи зарурии фарҳанги ҳуқуқӣ ва ахлоқиро надошта бошад, дар аксари мавридҳо ба сӯистифодаи ин принсип роҳ доданаш мумкин аст. Ё ӯ намедонад, ки ба таври мушаххас кадом чиз иҷозат дода шудааст ва чӣ чиз манъ карда шудааст. Дар ҶТ амали ин принсип вобаста аз сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ оқибатҳои манфии ҷиддиро ба вуҷуд овардааст ва меорад. Мо имрӯз ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ гузаштаем. Яке аз принсипҳои муҳими муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ин принсипи ташаббускории субъектҳои он мебошад. Аз ин нуқтаи назар дорои фарҳанги ҳуқуқӣ будан шарти муҳим аст.

# ФУНКСИЯҲОИ ДАВЛАТ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН



**Саъдӣ ШАРИФЗОДА**
*ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ*

Функсияҳои давлат яке аз масъалаҳои муҳими назарияи умумии давлат буда, чун анъана мавриди таваҷҷӯҳ ва таҳлили мутафаккирону олимон қарор дорад, зеро омӯзиши он барои назария ва амалияи давлатӣ хело муҳим аст. Яке аз масъалаҳои муҳим тасnифи функсияҳои давлат мебошад. Зеро дар адабиёти ҳуқуқӣ таснифҳои гуногун пешбинӣ шудааст. Масалан, тибқи таснифи анъанавӣ функсияҳои давлатро вобаста ба муҳлати амал ба доимӣ ва муваққатӣ, вобаста ба мазмуни вазифаҳои давлат ба асосӣ ва ғайриасосӣ, вобаста ба ҳудуди амалашон бошад, ба дохилӣ ва хориҷӣ ҷудо мекунанд.

Метавон гуфт, ки бештари олимон таснифи сеюмро қобили қабул медонанд, чунки тамоми ҳаёти инсонӣ асосан дар ду ҳудуд-дохили давлат ва хориҷи давлат амалӣ мешавад. Аммо оид ба намудҳои функсияҳои дохилӣ ва хориҷии давлат фикру ақидаҳои гуногун пешкаш шудааст.

Масалан, В.Е. Чиркин чор функсияи дохилии давлатро ҷудо мекунад: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ. Ворид гаштани давлат ба ҷомеаи ҷаҳон, мудофиаи давлат, ҳамкорӣ бо давлатҳо дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, таъмини тартиботи ҷаҳонӣ аз ҷумлаи функсияҳои хориҷӣ эътироф мешаванд. В.М. Корелский функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фаъолияти экологӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, дастгирии пешрафти илмӣ-техникӣ, иттилоотиро - дохилӣ ва функсияҳои мудофиаи давлат, ҳамгироии иқтисодӣ, таъмини сулҳ, ҳамкорӣ дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқии ҷаҳониро - хориҷӣ меномад. Тибқи таснифи дигар, функсияҳои дохилии давлат инҳоянд: иқтисодӣ, андозбандӣ, назорати молиявӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ, экологӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Ҳамкорӣ бо ҳамаи давлатҳо, мудофиаи давлат, таъмини сулҳи ҷаҳонӣ, ҳамгироии иқтисодӣ аз ҷумлаи функсияҳои хориҷӣ эътироф мешаванд.

Дар замони муосир як қатор олимону муҳаққиқон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои иснон ва шаҳрвандро функсияи мустақили давлат эътироф мекунанд. Масалан, В.Д. Перевалов (функсияи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд), А.С. Пиголкина (функсияи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон), С.В. Бабаев (функсияи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс), Ю. В. Марченковой (функсияи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои шаҳрванд) - ро бо номҳои гуногун ҳам бошанд, функсияи мустақили давлат меҳисобанд.

Метавон гуфт, ки дар замони муосир ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд - талаботи замони имрӯза, шарти аввалиндараҷаи зисту фаъолияти ҳар сокини сайёра, нишонаи хислати воқеӣ пайдо намудани давлати ҳуқуқбунёд мебошанд. Онҳо дар қонунгузории миллӣ ва байналхалқӣ (асноди ҳуқуқӣ - байналхалқии соҳаи ҳуқуқҳои инсон) ифодаи ҳуқуқиро соҳиб гашта, айни ҳол чун стандартҳои (талаботи барои ҳамаи давлатҳо ва одамон умумӣ) байналхалқӣ баромад мекунанд. Ягон давлати ҷаҳон наметавонад аз риояи талаботи ҳуқуқӣ-байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон саркашӣ намояд.

Бинобар ҳамин ҳоло дар китобҳои дарсии назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дар конститутсияҳои бештари давлатҳо ба ин масъала бобҳо ё фаслҳои алоҳида бахшида шудааст. Дар баробари ин дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кафедра бо номи "Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ" ташкил шуда, фаъолият мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва паҳлуҳои мухталифи онро ба донишҷӯён меомӯзонад. Ҳамзамон оид ба ҳуқуқҳои инсон ва паҳлуҳои мухталифи он мавзӯъҳои рисолаҳои номзадӣ, монографияҳо, мақолаҳо ва китобҳои дарсӣ нашр гардидааст.

Ҳарчанд ҳифзи ҳуқуқҳои инсон масъалаи муҳими давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад ҳам, аммо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд функсияи мустақили давлат шуда наметавонад, зеро аз мафҳуми функсияи давлат бармеояд, ки функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки баҳри ҳалли иҷрои вазифаҳои давлат равона карда мешаванд. Вазифаи давлат бошад, он масъалаву проблемаҳои муҳими ҷамъиятие мебошад, ки дар ин ё он марҳилаи таърихӣ назди давлат қарор доранд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт яке аз вазифаҳое, ки имрӯз назди давлатҳо гузошта шудааст, ин ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Аз ин хотир ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо чунин асосҳо на функсия, балки вазифаи давлат ба ҳисоб меравад:

1) тибқи қ.3 м.5 Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванддро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Чунин меъёр дар конститутсияҳои давлатҳои дигари пасошӯравӣ низ мустаҳкам шудааст. Аз меъёри зикргардида бармеояд, ки давлат уҳдадор аст, ин вазифаи назди худ гузоштаашударо иҷро кунад. Иҷрои ин вазифа тавассути функсияҳои давлат амалӣ карда мешавад.

2) модоме ки ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи давлат аст, пас, табиист, ки ҳамаи функсияҳои давлат баҳри иҷрои ин вазифа амалӣ мешаванд. Барои иҷрои ин вазифа ҳамаи функсияҳои давлат ҳизмат мекунанд. Масалан, функсияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат баҳри таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрванд хизмат мекунанд.

3) ин ё он функсияи давлат зарурати таъсиси мақомоти махсуси давлатиро металабад. Масалан, баҳри иҷрои функсияи иқтисодӣ мақомоти алоҳидаи иқтисодии давлат (вазоратҳои соҳаҳои иқтисод, саноат, сохтмон, савдо ва дигар) ташкил мешаванд. Функсияи ҳифзи ҳуқуқ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро якчанд мақомоти давлат (прокуратура, суд, мақомоти корҳои дохилӣ, сохторҳои қудратӣ ва диг.) иҷро мекунанд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро на ин ё он мақомоти алоҳида, балки шумораи зиёди мақомоти давлатӣ иҷро мекунанд, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро - мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқҳоро - мақомоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва диг.

Дар давлатҳои имрӯзаи демократӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти инсон ва ҳуқуқҳояш танзим мешаванд. Акнун инсон ва ҳуқуқҳояш дар сатҳи конститутсионӣ арзиши олӣ эълон гаштаанд. Ин меъёр дар Конститутсияи ҶТ (қ.1, м.5) низ сабт гаштааст. Дар сатҳи қонуни асосии давлат арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқҳояш, бегуфтугӯ, музаффарияти бузурги пешрафти тафаккури ҳуқуқии одамон ва ҷомеаи муосири озод аст.

Ҳамин тариқ, арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш маънои онро дорад, ки акнун танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти инсон ва ҳуқуқҳояш, бо истифодаи бештар усулҳои диспозитивии танзими ҳуқуқӣ (озодиву мустақилияти иштирокчиёни онҳо), имкониятҳои танзими шартномавӣ баҳри инсон ва қонеъгардонии талаботаш сурат мегирад ва тамоми функсияҳои давлат баҳри иҷрои ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда мешаванд.

# МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМ БОЯД ТАҚВИЯТ ДОДА ШАВАД



**Беҳрӯз ҚУРБОНЗОДА**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ*

Дар замони муосир яке аз намудҳои ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатҳо хатари ҷиддӣ ба миён меоваранд, ин ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мебошанд, ки мубориза бар зидди онҳо хусусияти байналмиллалӣ гирифтааст. Аммо ба муқовимати ҳамаҷониба нигоҳ накарда, дар замони ҳозира ин намуди ҷиноятҳо ҳамоно зиёд шуда истодаанд.

Мувофиқи моддаи 8-уми Сарқонуни ҶТ таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё бо роҳи зӯроварӣ дигаргун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 20-уми апрели соли 2012 таъкид карданд, ки "мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон, муқовимат бо коррупсия ва дар маҷмӯъ ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ самтҳои афзалиятноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ мебошанд". Ин аст, ки дар Ҷумҳурӣ ҳама сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар мубориза бар зидди чунин намудҳои ҷинояткориро самти афзалиятноки фаъолияти худ қарор дода, бахри амалӣ гаштани дастуру супоришҳои Президенти мамлакат ва ӯҳдадориҳои байналмилалии ҶТ дар роҳи мубориза бар зидди экстремизм, терроризм ва дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта тадбирҳои мушаххас меандешанд.



Афзудани шумораи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар аксар давлатҳо, ки ба амнияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давлатҳо таҳдид мекард, зарурати қабули қонун дар бораи мубориза бо экстремизм, аз ҷумла дар ҶТ зарурати қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)"-ро ба миён овард. Бинобар ин, 8 декабри соли 2003 қонуни номбурда қабул гардида, то андозае ҷараёни мубориза бар зидди экстремизмро ба танзим даровадра ва натиҷаҳои мусбат низ ба даст оварда шуданд. Аммо қонуни мазкур бар асари хусусияти касбӣ доштанаш аз ҷониби субъектоне, ки мубориза бар зидди экстремизм амалӣ мегардонанд ва шахсони алоҳида ҳангоми татбиқи муқаррароти он дар аксар мавридҳо ғалат маънидод карда мешаванд, ки дар натиҷа ба зиддияту гуногунфаҳмиҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оварда мерасонанд.

Барои аз байн бурдани чунин гуногунфаҳмиҳо ва дар амал дуруст татбиқ намудани меъёрҳои Қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)", инчунин бо мақсади татбиқи нақша-чорабиниҳо ва барномаҳои давлатӣ аз ҷониби олимон ва мутахассиони амалия тафсири қонуни мазкур иншо гашт.

Албатта, фақру бекорӣ барои зуҳури ифротгароӣ ва терроризм дар тамоми ҷаҳон шароити мусоид ба вуҷуд меоварад, вале бояд гуфт, ки мудохилаи хориҷӣ бо истифода аз сатҳи пасти саводу фарҳанг ва маърифати дунявию динӣ, бетараф будан нисбат ба арзишҳои миллию динӣ дар замони муосир аз омилҳои асосии пайдоиш ва шиддат гирифтани ифротгароӣ гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар мулоқот бо аҳли ҷомеа аз 4-уми июли соли 2013 зикр намуданд, ки хурофот, таассуб, ифротгароӣ ва бесаводӣ ҷаҳолат ва торикист ва ба мардум танҳо бадбахтию сиёҳрӯзӣ меорад.

Ҳар як давлати соҳибистиқлол сиёсати давлатии худро дар ин ё он самт муайян намуда, онро дар доираи қабул ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. ҶТ чун яке аз узви ҷомеаи байналмиллалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ миёни давлатҳои дигар, оид ба мубориза бар зидди экстремизм ӯҳдадориҳо дорад, ки онҳо мақоми ҶТ ро дар низоми ҷаҳонии мубориза бар зидди экстремизм муайян мекунад.

Асоси бавуҷудоии ӯҳдадориҳои байналмилалии ҶТ оид ба мубориза бар зидди экстремизм созишномаҳои байналмиллалӣ, минтақавӣ, инчунин шартномаҳои байнидавлатӣ ташкил медиҳад, ки онҳо барои таъмини сулҳ, амнияти инсоният, ривоҷу равнақ ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, алалхусус ҷинояти экстремистӣ (ифротгароӣ) мусоидат мекунанд.

Мувофиқи моддаи 3-юми Қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)" аз 8-уми декабри соли 2003, экстремизм - ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад.

Фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) - ин фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилотҳо ё воситаҳои ахбори умум ё шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр ва амалӣ намудани кирдорҳое мебошад, ки барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва вайрон намудани ягонагии ҶТ равона карда шудааст.

Ба экстремизм, инчунин бетартибиҳои оммавӣ, ҳаракатҳои авбошӣ, вандализм, ки аз ангезаи идеологӣ, сиёсӣ, бадбинии нажодӣ, миллӣ ё динӣ нисбат ба ягон гурӯҳҳои иҷтимоӣ, маблағгузории фаъолияти экстремистӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси чораҳои боло метавон чунин мафҳуми экстремизмро ифода намуд: Экстремизм - ин амали зиддиҷамъиятии шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқие, ки мебошад, ки ба таври зиддиҳуқуқӣ тарзу усулҳои зӯроварӣ ва дигар ҳаракатҳои ифротиро аз рӯи ангезаҳои кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ ҳамчун аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ истифода намуда, мақсадаш халалдор сохтани амнияти ҷамъият, тарсондани аҳолӣ ё расондани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, ба таври ҷиддӣ дигар кардани самти сиёсати пешгирифаи давлат, номӯътадил сохтани вазъи иҷтимоии ҷомеа, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда ба ҳамин мақсадҳо ифода мeёбад.

Дар ҶТ барои ҷилавгирӣ аз экстремизм на танҳо ба тақвияти қонунгузории миллӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, балки дар ин замина тадбирҳои амалӣ ва судманд низ сурат мегирад.



# ТАҶЗИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА НАҚШИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ОН



**Азиззода Хушвахтҷон Шариф**
*мутахассиси шуъбаи коргузории Суди Олии ҶТ*

Тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим буда, аҳамияти таърихӣ, илмӣ ва амалӣ дорад. Таъмини ҳаёти осоишта, эътирофу риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун, инчунин рушди соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ аз тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ вобастагии калон дорад. Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи давлатдорӣ ду тарзи маъмули ташкили ҳокимияти давлатиро медонад. Якум, мансубияти тамоми ҳокимияти давлатӣ ба як шахс ё ба як мақоми давлатӣ ва дуюм, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ.

Ҳокимияти давлатӣ бо пайдоиши давлат ба вуҷуд омадааст. То пайдоиши давлат ҳокимияти тодавлатӣ вуҷуд дошт, ки онро дар илм ҳокимияти пешво, қабила ё ҳокимияти авлод меноманд. Аз марҳилаҳои аввали пайдоиши давлат то асрҳои XVII-XVIII ҳокимияти давлатӣ пурра дар дасти як шахс (император, король, амир) ё як мақоми давлатӣ қарор дошт. Баъдан назарияи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ пайдо гардид, ки асосгузорони ин назария Ҷон Локк ва Ш.Л. Монтескиё мебошанд. Ҷонибдорони ин назария зидди мутлақият буданд ва ташкили ҳокимияти давлатиро бо роҳи таҷзияи он ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ воситаи асосии таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, вусъат додани равандҳои демократӣ, инчунин роиҷ гардидани назорати байниҳамдигарии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ медонистанд. Баръакс муҳаққиқоне, ки ташкили ҳокимияти давлатии мансуб ба як шахс ё ба як мақоми давлатиро ҷонибдорӣ мекарданд (аз ҷумла, марксистон) ташкили ҳокимияти давлатиро бо роҳи таҷзияи он ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ҳамчун ташкил намудани се намуди ҳокимият дар як давлат баҳо дода, нисбати ин назария нуқтаи назари танқидӣ доштанд.

Бояд қайд кард, ки таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳо маънои ташкили се намуди ҳокимияти давлатиро надошта, балки маънои ташкили се шохаи мустақили ҳамон як ҳокимияти давлатиро дорад. Вагарна волоияту мустақилияти ҳокимияти давлатӣ аҳамияту мазмуни худро аз даст медиҳанд. Аз тарафи дигар, дар як давлат мавҷуд будани ду ё зиёда ҳокимияти давлатӣ боиси бенизомию бетартибӣ дар давлат мегардад.

Тибқи моддаи 9-и Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Ин муқаррарот нишонаи асосии кишвари мо, ҳамчун давлати соҳибихтиёру демократист. Давлати демокративу ҳуқуқбунёдро дар он ҳудуде бунёд намудан имконпазир аст, ки дар он ҷо ҳокимияти давлатӣ мутлақ ба як шахс ё ба як мақоми давлатӣ дода нашудааст. Ин кафили асосии таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун аризишӣ олӣ мебошад. Ҳамчунин таҷзияи ҳокимияти давлатӣ имконият медиҳад, ки ҳар як шохаи он дар фаъолияти хеш масъулияти ҷиддӣ эҳсос намуда, бахри иҷрои вазифаҳои худ саъю кушиш намоянд.

Дар замони шӯравӣ таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мавҷуд набуд ва ҳокимият аз они шӯроҳо дониста мешуд. Конститутсияи ҶТ ягона санадест, ки бори аввал дар кишвари мо амалишавии ҳокимияти давлатиро дар асоси таҷзияи он ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ расман муқаррар намуд. Шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба конститутсия ва қонунҳо итоат менамоянд. Онҳо дар ҳеҷ ҳолат наметавонанд якдигарро иваз намоянд. Ҳеҷ кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ҳокимияти давлатиро дар шакли том ташкил карда наметавонанд. Шохаҳои ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро дар асоси ҳамкорӣ ба роҳ монда, ба ин васила ба инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ муваффақ мегарданд.

Боби ҳаштуми Сарқонун ба ҳокимияти судӣ бахшида шудааст, ки тартиби ташкил ва фаъолияти ин шохаи ҳокимияти давлатиро муқаррар менамояд. Ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, вазифаи асосиаш баамалбарории адолати судӣ мебошад. Тибқи моддаи 84-и Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ дар кишвари мо адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ менамоянд. Ҳокимияти судиро дар ҶТ танҳо судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки тибқи муқаррароти қонун барои амалӣ намудани адолати судӣ ҷалб карда шудаанд, амалӣ менамоянд. Ҳеҷ як мақоми давлатӣ ё шахси мансабдори дигар ҳуқуқи баамалбарории адолати судиро надорад.

Вазифаҳои ҳокимияти судӣ аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, ки Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқаррар намудаанд, иборат мебошанд. Воқеан маълум аст, ки дар назди ҳокимияти судӣ хело вазифаҳои муқаддасу муқаддам гузошта шудааст. Ҳокимияти судӣ ин вазифаҳои худро тавассути мурофиаҳои судии конститутсионӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иҷро менамояд.

Тибқи қисми 2 моддаи 14 Конститутсия ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроя, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Ин муқаррарот ҳокимияти судиро ҳамчун неруи бузург ҷиҳати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нишон медиҳад. Воқеан ҳам нақши суд дар ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон хело муассир буда, ҳамчунин ҷиҳати таъмини фаъолияти мӯътадили шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд. Қонунгузории амалкунанда инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро дар маркази таваҷҷӯҳи ҳокимияти судӣ қарор додааст, ки ин вазифаи муқаддас ҳамарӯза бо роҳи ҳалли баҳсҳои зиёди ҳуқуқӣ ва баркарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда иҷро карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки фаъолияти ҳокимияти судӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолат босамар буда, таҳкими минбаъдаи фаъолияти он барои рушду нумӯи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нақши устувор хоҳад гузошт.

# ИСЛОҲОТИ СУДӢ ДАР ПАРТАВИ



**Парвиз АБДУЛЛОЕВ**
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ*

ҶТ дар давраи гузариш қарор дошта, муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста инкишоф ёфта, ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ мукаммал мегарданд. Меъёрҳои Конститутсия дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ мавқеи назаррасро дошта, маҳз аз ҷониби судҳо бевосита татбиқ намудани онҳо ифодакакунандаи мустақиман амал намудани онҳост. Дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (сарқонуни) ҶТ як қатор тағйирот ва иловаҳое пешбинӣ карда шудааст, ки давоми мантиқии ислоҳоти судиро дар ҶТ дар бар мегирад.

Бо қабул гардидани Конститутсияи ҶТ низоми судии кишвар мукаммал гардида, дар қатори судҳои салоҳияти умумӣ, Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ ташкил карда шудаанд, ки ташкил ва фаъолияти онҳо бо қабули як қатор қонунҳои конститутсионӣ соли 1995 муқаррар гардида буд. Дар заминаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсия аз 26-уми сентябри соли 1999, ки ташкил намудани Шӯрои адлияро пешбинӣ менамуд, Низомномаи Шӯрои адлия аз 14-уми декабри соли 1999 бо Фармони Президенти ҶТ тасдиқ карда шуд. То таъсиси Шӯрои адлия ваколатҳои онро Вазорати адлияи ҶТ ба амал мебаровард, ки марбут ба ҳокимияти иҷроия мебошад.

Шӯрои адлияи ҶТ дар заминаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсия таъсис дода шуда, мутобиқи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар соли 2016 он бояд барҳам дода шавад. Мутобиқи тағйирот дар банди 12-уми моддаи 69, ки мутобиқи он Шӯрои адлияро Президент таъсис медиҳад, хориҷ карда шудааст. Бо ин асос Шӯрои адлия дар ҶТ барҳам дода мешавад.

Воқеан, оид ба мавқеи Шӯрои адлия дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ягонафикрӣ мавҷуд набуд. Шӯрои адлия адолати судиро ба амал набароварда бо мақсади ташкили кори судҳо, таъминоти моддию техникии судҳо ва ғ. ташкил гардида буд. Аз ин рӯ, дар сурати тағйирот ваколатҳои Шӯрои адлия ба ҳокимияти судӣ мегузарад, ки бахри мустақилият ва самаранок фаъолият намудани судяҳо мусоидат хоҳад намуд.

Дар қисми 3-и моддаи 84-уми Конститутсия пешниҳод шудааст, ки ибораи "Тарзи ташкил" ба ифодаи "Тартиби таъсис, ташкил" иваз карда шавад. Ва дар қисми 5-и моддаи мазкур калимаи "Ташкили" ба калимаи "Таъсиси" иваз карда шудааст, ки он мақсадро хубтару беҳтар ифода мекунад. Аз ин рӯ, тағйиротҳои мазкур ҷанбаи мантиқӣ-забонӣ доранд.

Моддаи 85-уми Конститутсия дар таҳрири нав ба шакли зерин пешниҳод гардидааст: "Ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

Ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбӣ, судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Ба-

# ИЗМЕНЕНИЯ И ДОПОЛНЕНИЯ В КОНСТИТУЦИЮ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН - ТРЕБОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ПРАВОВОГО ОБЩЕСТВА



**Фируз Сулаймонов**
*доцент кафедры международного права*

В настоящее время в Республике Таджикистан активно обсуждается проект изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан. Конституция Республики Таджикистан, которая была принята 6.11.1994 года путем всенародного референдума, с учетом дальнейших изменений и дополнений к ней, внесенных в 1999 и 2003 годах, играет существенную и главную роль в строительстве и развитие суверенного, демократического, правового, светского и унитарного Таджикистана.

Конституция Республики Таджикистан является высшим законодательным актом, направленным на регулирование важнейших общественных отношений, определение основ конституционного и государственного строя Таджикистана, прав и основных свобод человека и гражданина, дальнейшее развитие всей системы законодательства и иных нормативных правовых актов в Республике Таджикистан. Конечно же, с развитием общественных отношений Конституция Республики Таджикистан также нуждается в определенных изменениях и дополнениях, которые могут состоять из норм, как уточняющего характера, так и определяющих дальнейшее развитие общества, определенных его основных институтов, и тем самым определяющих правовую основу дальнейшего развития демократического и правового Таджикистана. В этой связи, предложенный проект изменений и дополнений именно направлен на совершенствование определенных конституционных положений, а также на создание конституционно-правовых основ новых проявлений развитого правового общества.

В связи с чем, с учетом вышесказанного, целесообразно рассмотреть некоторые изменения и дополнения в Конституцию Республики Таджикистан, из числа представленных в вышеназванном проекте изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан.

Согласно проекту изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан (п.24) определен правовой статус Основателя мира и национального единства - Лидера нации в выборах на должность Президента Республики Таджикистан. Согласно Закону Республики Таджикистан "Об Основателе мира и национального единства - Лидера нации", Основатель мира и национального единства - Лидер нации является выдающейся исторической личностью нации, избранный Главой государства на шестнадцатой сессии Верховного Совета Республики Таджикистан, внёсший заметный вклад в создании системы государственности суверенного Таджикистана, установлении конституционного строя, достижении мира, национального единства и в соответствии с Конституцией 1994 года избранный всенародным голосованием первым Президентом Республики Таджикистан, внёсшим достойный вклад в построение суверенного, демократического, правового, светского и социального государства, предотвратившим распад нации, исчезновение государства и избавившим народ от гражданской войны, осуществившим великие судьбоносные свершения в политическом, социально-экономическом, культурно-историческом развитии независимого государства Таджикистан.

В этой связи, предложенное дополнение в Конституцию Республики Таджикистан направлено на укрепление таджикской государственности, укрепление мира и согласия, дальнейшее развитие Таджикистана как суверенного, демократического, правового, светского и социального государства.

Также, согласно п.6 проекта изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан, предлагается, что права и свободы человека и гражданина могут быть ограничены, кроме иных оснований, также в целях защиты основ конституционного строя, безопасности государства, обороны страны, нравственности общества, здоровья населения. Данная норма также направлена на гарантирование и обеспечение прав и основных свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан, так как именно в этих целях защищается основ конституционного строя, безопасность государства, обороноспособность страны, нравственность общества, здоровье населения. К примеру, если определенное право человека будет противоречить нравственности общества, то это право не будет реализовано, так как суть конституционной нормы направлена именно на защиту и гарантии прав и свобод большинства граждан посредством защиты нравственности общества.

Далее, согласно п.13 проекту изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан в качестве субъекта имущественной ответственности в ст.32 Конституции Республики Таджикистан включаются и иные юридические лица. Отметим, что юридические лица как субъекты гражданского права несут также самостоятельную ответственность своим имуществом. В этой связи, предложенное дополнение в Конституцию Республики Таджикистан направлено на гарантирование имущественных прав и защиту нематериальных благ каждого, при их нарушении со стороны юридических лиц, Конституцией Республики Таджикистан, что свидетельствует о заботе государства над субъектами гражданского права.

В общем, можно отметить, что все изменения и дополнения в Конституцию Республики Таджикистан направлены в целях развития основ конституционного строя, гарантирование и защиты прав и свобод человека, создание правового и демократического государства.

# ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯ

дахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судя фаъолият намуданро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд.

Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин шудааст, дар вазъияти тантанавӣ савганд ёд мекунад".

Мутобиқи тағйирот ба моддаи 85 шахсе ба вазифаи судя интихоб ё таъин карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ дошта бошад. Дар асоси шартномаҳои байналмилалии ҶТ шахс имконияти гирифтани шаҳрвандии дигар давлатро низ дорад. Адолати судӣ аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо ба амал бароварда мешавад. Мутобиқи тағйирот шахсе аз номи ҶТ адолати судиро ба амал мебарорад, ки танҳо шаҳрванди ҶТ бошад, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низ дар қатори дигар мансабҳои муҳими давлатӣ судяҳо бояд танҳо шаҳрванди як давлат бошанд.

Судя дар фаъолияти худ танҳо ба қонун итоат менамояд. Ҳангоми амалбарории адолати судӣ эътимоди ботинии судя нақши муассирро дорад. Дар ташаккули эътимоди ботинии судя на танҳо ҳуқуқ, балки дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла меъёрҳои ахлоқӣ таъсир мерасонанд. Дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар намудани савганди судяҳо самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд. Мутобиқи моддаи 17-и Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи судҳои ҶТ" "Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин шудааст, дар вазъияти тантанавӣ дар ҷамъомади судяҳо ва назди Парчами давлатии ҶТ чунин савганд ёд мекунад: "Ботантана савганд ёд мекунам, ки вазифаи худро бошарафона, одилона ва аз рӯи виҷдон иҷро менамоям, холисӣ ва беғаразиро риоя карда, танҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ва қонун итоат карда, адолати судиро амалӣ менамоям". Бошарафона, одилона, виҷдон, холисӣ ва беғаразӣ категорияҳои ахлоқианд.

Дар вазъияти тантанавӣ савганд ёд намудани судяҳои Суди конститутсионӣ мутобиқи лоиҳаи нав дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ сурат мегирад.

Нисбати собиқаи кории касбии довталаби судяи Суди конститутсионӣ як навъ сабукӣ ворид карда шуда, муҳлати 10-сола бекор ва муҳлати 7-сола муқаррар карда шудааст, ки чун анъана дар синни 23-солагӣ дар низоми таҳсилоти анъанавӣ шахс дорои малумоти олии ҳуқуқшиносӣ гашта, бо гирифтани собиқаи 7-солаи коррии касбӣ метавонад довталаби судяи Суди конститутсионӣ гардад.

Муайян намудани мувофиқати қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон, ки салоҳияти Суди конститутсионӣ мебошад, мутобиқи тағйирот "қарордод" ба "шартнома" иваз карда мешавад, ки мутобиқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътирофгардида мебошад.

Дар асоси тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ аз 22 июни соли 2003 муҳлати интихоб ва таъини судяхо, ки 5 сол буд, 10 сол муқаррар гардида, синни ниҳоии судяҳо аз 60 ба 65-солагӣ расонида шуд. Дар лоиҳаи тағйиру иловаҳои нав аз матни Конститутсия хориҷ намудани синни ниҳоии довталаб ба вазифаи судя пешбинӣ гардидааст, ки синни 65-солагӣ буд. Аз ин рӯ, ин масъала дар қонунҳои конститутсионӣ бояд танзим карда шавад, ки меъёри ҳаволакунанда мебошад.

Ҳамин тариқ, тағйиру иловаҳое, ки дар сатҳи конститутсионӣ оид ба суд ва судя пешниҳод карда шудаанд, қисмашон дар Қонунҳои конститутсионӣ "Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ", "Дар бораи судҳои ҶТ" пешбинӣ гардида буданд, ки вобаста ба мубрамияташон дар сатҳи конститутсионӣ низ бояд муқаррар гарданд. Қисми дигар, ки ба барҳамдиҳии Шӯрои адлия ва танҳо шаҳрванди Тоҷикистон будани судяҳо алоқамананд, такони бузурге дар самти ислоҳоти судӣ маҳсуб меёбанд.

# САФИР ВА ДИПЛОМАТ ДАР "НАСИҲАТ-УЛ-МУЛУК"-И ҒАЗЗОЛӢ



Савлат ИЗАТУЛЛОЕВА
*донишҷӯи соли 2 (МБХ)*

Нақши дипломат ва сафирон дар идоракунии давлат ва муносибатҳои байналмилалӣ дар асари "Насиҳат-ул-мулук"-и Муҳаммад Ғаззолӣ нақши аввалиндараҷаро дорад. Дар "Насиҳат-ул-мулук" сафирон ва дипломатон бо номи " Расул" оварда шудааст, ки барои ҳал кардани масъалаҳои байни давлатҳо хизмат мекарданд. Вафодор будани расул ба давлати худ ва дар ҷои аввал гузоштани манфиатҳои давлату миллати хеш дар осори Ғаззолӣ аҳамияти аввалиндараҷаро дорад. Маликеро пурсиданд: "Аз ношоистагон кадом зиёнкортар? Гуфт: Онон, ки ба Расулӣ раванду аз баҳри мақсуди хеш хиёнат кунанд ва ҳама вайронии мамлакат аз эшон хезад".

Аз таърихи давлатдорӣ дар сарзамини форсу тоҷик расулон барои давлат хизмат мекарданд. Мулуки Аҷам барои расулро ба давлати дигар фиристодан аввалан хуб меозмуданд ва баъд ба расулӣ мефиристоданд. Шарҳи ин гуфтаҳо аз ҷумла дар ҳикояҳои "Насиҳат-ул-мулук"-и Ғаззолӣ оварда шудааст. Мувофиқи он мулуки Аҷам вақте касеро ба расулӣ мефиристонданд ба мулки дигар ҷосусе аз дунболи ӯ мерафт, то ҳар чи он расул гуфт мешуниду ҳамаро навишта ба шоҳ меовард. Ва чун расул бармегашт агар суханони овардаи ӯ бо суханони ҷосус як мебуданд ӯро шоиста медонистанд.

Чунон ки Ардашер гуфт: "Чанд хунҳо, ки бирехтаанд ва чанд лашкарҳо, ки ҳазмат кардаанд ва чанд аҳли ҳарам, ки пардаи эшон даридаанд ва чанд хоста, ки ғорат кардаанд ва чанд савганд, ки он ба дурӯғ кардаанд ба хиёнатҳои расулону ношоистагии эшон".

Дахлнопазирии расулро Ғаззолӣ аз қиссаи Доро ибни Доро ва Искандар ёдрас шудааст. Дар замони ба тахт нишастани Искандар Доро ибни Доро ба Искандар расул равон мекунад, то ки Искандар ҳар сол андоз супорад вагарна миёни онҳо ҳарб хоҳад сар зад. Аммо Искандар ҳамеша ҷавоби рад ба расулони Доро ибни Доро иброз мекард, аммо ягон зарар ба расулон расонида намешуд. Новобаста аз муносибатҳои хусуматвори Доро ибни Доро ва Искандари Мақдунӣ расулони ҳарду ҷониб дахлнопазир буданд. Дар хусуси шоистагии расулон дар муносибатҳои Доро ибни Доро ва Искандар Ғаззолӣ чунин ҳикоят овардааст:

"Искандар расуле фиристод ба наздики Доро ва ҷавоб боз овард. Искандар дар як сухан ба шак афтод ва бар расул баргирифт. Расул гуфт: "Эй Худованд, ки ман аз ӯ сухан ба ду гӯши хеш шунидам". Искандар бифармуд то лафз набиштанд ва ба дасти касе дигар ба назди Доро ибни Доро фиристод ва ба ӯ арза карданд. Чун нома бихонд корде бихост ва он лафзро аз миёна бибурид ва ба Искандар фиристод ва ба нома набишт ва бигуфт: "Бунёди мулк бар некӯии офариниши малик асту ростии табъи ӯ ва бунёди кори малик ба ростзабониву гуфтори расулон аст, зеро ки расул он чи гӯяд ҷавоби он ба гӯши малик оварад. Акнун ин суханро бибуридам, сухани ман набуд ва роҳ наёфтам ба забон буридани расули ту".

Расул боз омад ва Искандар нома бихонд ва расули пешинро овоз дод ва гуфт: "Туро бар он кӣ дошт, ки ба як сухан мулкеро табоҳ кунӣ?". Расул иқрор шуд ва гуфт: "Эшон дар кори ман тақсир карданд, ман аз он озурда шудам".

Искандар гуфт: "Эй субҳоналлоҳ, ту пиндоштӣ, ки мо туро аз баҳри он фиристодем, то салоҳи кори хеш созиву кори мо зоеъ бигузорӣ ва дар хуни мардумон сайъ кунӣ". Он гоҳ бифармуд то забонаш аз паси қафо берун кашиданд".

Дар баробари расулон ҳамчунин мавқеи дабирон низ ҳамчун муншӣ, котиб, нависанда ва таҳриркунандаи ҳуҷҷатҳои давлатӣ барои дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои байнидавлатӣ ва нома ирсол кардан ба ҷониби дигар мавқеи хосса дорад. Бояд қайд кард, ки Ғаззолӣ ақидаи муҳр гузоштан ба ҳуҷҷатро низ қайд карда аст, яъне ҳангоми фиристодани нома, пайғом, паёми табрикотӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба дигар ҷой ирсол карда мешаванд, ҳатман бояд ба он мӯҳр гузошт. Дабирон номаро набояд бе муҳр ирсол намоянд ва ба ин маънӣ Ғаззолӣ ривоятеро низ чунин овардааст:



Ва Пайғамбар (с) нома фармуд набишта ба Аҷам. Гуфт: "Эшон номаи бемуҳр нахонанд". Ба ангуштарӣ муҳр фармуд карданд бар нигин ба се сатр - муҳр: Муҳаммадун Расулуллоҳ.

Дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати соҳибистиқлол робитаҳои дипломатиро амалӣ менамояд, ки дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра ҷараён мегиранд. Бояд тазаккур дод, ки то имрӯз истиқлолияти ҶТро дар арсаи байналхалқӣ зиёда аз 130 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохтааст ва бо онҳо ҳамкорӣ доранд. Дар айни замон ҶТ бо 98 давлат равобити дипломатӣ барқарор намудааст. Ақидаи баландихтисосу меҳанпарвар будани сафирони давлат дар таърихи миллати тоҷик аз андешаҳои Ғаззолӣ дар асари "Насиҳат-ул-мулук" сарчашма мегирад.

Самти сиёсати берунаи Ҷумҳурии мо дар марҳилаи кунунӣ дар паёмҳои ҳамасолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ муайян мегардад. Чунончи, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: "Асоси сиёсати берунаи имрӯзаи кишварро сиёсати дарҳои боз, омодагӣ барои ҳамкорӣ бо ҳама субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ дар заминаи эҳтироми усулу меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналхалқӣ ташкил медиҳад".

# ҶАВОНОН - ҶОНИБДОРИ ТАҒЙИРУ

Дар асоси моддаи 65 Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ "Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд. Ҳар як шаҳрванди ҶТ, ки синни ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, метавонад ба номзадии Президент пешниҳод гардад. Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд. Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад".

Яке аз бандҳои лоиҳаи тағйиру иловаҳои Конститутсияи ҶТ ба ин модда тааллуқ дорад. Аз мазмуни тағйирот бармеояд, ки минбаъд шахсе ба номзадии Президенти ҶТ пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад. Инчунин маҳдудияти ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда натавонистан нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат татбиқ намегардад.



Тағйиротҳои мазкурро мо ҷавонон дастгирӣ менамоем. Чунки яке аз омилҳои асосии рушди ҳар кишварро дар қатори дигар арзишҳо захираҳои инсонӣ, аз ҷумла ҷавонон ташкил медиҳанд. Дар кишваре, ки вазъи демографӣ мунтазам афзоиш меёбад ва беш аз 70 фоизи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, муқаррар гардидани синни 30-солагӣ барои шахси ба номзадии Президенти ҶТ пешниҳодшаванда ин иқдоми саривақтӣ ва



Институти бетарафӣ яке аз шаклҳои қадимаи стратегияи сиёсати берунаи давлатҳои ҷудогона мебошад. Дар замони муосир тарафдории худро ба сиёсати бетарафӣ давлатҳои нав ба нав расман эълон карда истодаанд. Ғояҳои бетарафӣ ба ғайр аз иштирок накардан дар ҷангҳо ва иттифоқҳои ҷангию сиёсӣ, инчунин усулҳои ғайриҷангии амалиётҳоро, ки барои бардоштани тезӣ ва ба муҳлати каме дертар дарозкунонидани ҳалли масъалаҳои байналхалқие, ки дар он тарафайн ба мусолиҳа розӣ нестанд, пешниҳод мекунанд.

Истилоҳи "нейтралитет" (бетарафӣ) аз калимаи лотинӣ гирифта

# МАҚОМИ БЕТАРАФИИ ШВЕЙТСАРИЯ

шуда, дар тарҷума ба забони тоҷикӣ маънои "на ин ва на он"-ро дорад, яъне мувофиқи муносибатҳои байналхалқӣ ҷонибдории ягон тараф набудан аст.

Мувофиқи Сарқонуни Швейтсария сиёсати берунаи ин давлат бо назардошти мақоми ҳуқуқии байналхалқии бетарафии доимӣ сохта мешавад. Дар муддати зиёда аз 500 сол дар сиёсати берунаи Швейтсария шиори "Ба корҳои дигарон мудохила накунед", ҳукмфармо аст, ки аз ҷониби Никлаус фон дер Флюи Муқаддас (1417-1487) эълон шуда буд.

Соли 1515 Швейтсария бетарафиеро эълон намуд, ки пас аз 300 сол дар анҷумани Вена (с.1815) аз тарафи дигар давлатҳои аврупоӣ эътироф гардида буд.

Бетарафӣ маънои дахолат накардан ба низоъҳои ҳарбии байналхалқиро дорад. Ҳуқуқҳо ва вазифаҳои давлатҳои бетараф ҳангоми ҷанг аз ҷониби созишномаи Гаага соли 1907 муайян карда шудаанд. Дар вақти сулҳу амонӣ кишварҳои бетараф метавонанд самти сиёсатро ба ихтиёри худ муайян кунанд, вале онҳо наметавонанд ба ягон иттиҳодияи ҳарбӣ дохил шаванд (масалан, НАТО).

Бо эълон намудани мақоми бетарафӣ Швейтсария на танҳо аз ҷангҳо дар ҳудуди худ дурӣ ҷуст, балки ягонагии кишварро низ нигоҳ дошт. Пас аз хотима ёфтани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Швейтсария принсипи бетарафии худро каме суст кард. Аз сабаби дигаргуниҳои қатъии нақши пешинаи ҳарбию сиёсии иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ, Швейтсария с.1996 қарор кард, ки ба барномаи НАТО "Ҳамкорӣ баҳри сулҳ" бо шарте, ки ӯ метавонад аз он ҳар вақт барояд, дохил шуд.

Мувофиқи натиҷаҳои пурсиши с.2001 гузаронидашуда, 83% сокинони Швейтсария чунин мешуморанд, ки сиёсати бетарафиро бадан низ тарафдорӣ намудан лозим аст ва ҳамзамон ба хизматчиёни ҳарбии кишвар, ки дар амалиётҳои сулҳҷӯёна берун аз марз иштирок мекунанд, истифода бурдани аслиҳа, иҷозат дода шавад. Дар раъйпурсие, ки 10 июни с.2001 баргузор гардида буд, бо бартарияти начандон калон пешниҳод оид ба иштироки артиши Швейтсария ҳам дар амалиётҳои ҳарбии берунмарзӣ ва ҳам дар омӯзиши ҳарбӣ таҳти роҳбарияти НАТО, қабул шуда буд. Бояд қайд кард, ки пеш аз баровардани ин қарор сулҳоварони швейтсарӣ, ки дар ҳайати континенти байналхалқӣ буданд, дар минтақаҳои низоъҳои ҳарбӣ ҳуқуқи истифодабарии аслиҳаро надоштанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳудуди Швейтсария тӯли чандин аср шумораи зиёди ташкилотҳои байналхалқӣ фаъолият мекунанд (тақрибан 250 то). Дар тӯли беш аз 50 сол Швейтсария бо СММ муносибатҳои мухолиф дошт. Дигаргуниҳои нави асри нав муносибати байни онҳоро тағйир намуд.

11 марти с.2002 дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ Швейтсария узви комилҳуқуқи СММ гардид. Ассамблеяи Генералии 57-уми СММ якумин ассамблеяе буд, ки дар он Швейтсария ба ҳайси узви комилҳуқуқи он иштирок намуд.

Бетарафӣ дар СММ чораҳои коллективии муҳофизатро дар муносибати хуҷумкунанда дар назар дорад, ки ба моҳияти бетарафӣ рост намеояд. Ғайр аз ин вазифаҳои Низомномаи СММ дар назди дигар вазифаҳои давлат афзалият доранд ва давлати бетараф ҳуқуқи такя кардан ба мақоми худ ҳангоми зарурати иҷро кардани вазифаҳое, ки Низомномаи СММ пешбинӣ намудааст, надорад. Аз ҳамин сабаб мақоми бетарафии доимӣ бо мутобиқати мақсадҳои фаъолияти СММ ва моҳияти бетарафӣ ҳамчун воситаи таъмин ва нигоҳ доштани сулҳу амният, аз ҷиҳати назариявӣ бо узвияти созмони мазкур мувофиқат намекунад. Лекин, айни замон давлатҳои бетарафи доимӣ (Австрия, Камбоҷа, Лаос, Малта, Туркманистон, Швейтсария) аъзои ин созмон мебошанд. Дар чунин шароит, ин масъала ба воситаи дохил кардани ислоҳкунӣ дар Низомномаи СММ дар қисмате, ки озодкунии давлатҳои бетарафи доимӣ аз иштирок дар муҷозотҳои ҳарбӣ, ҳал хоҳад шуд.

Швейтсария ҳамчун давлати аврупоӣ то ҳол аъзои ИА намебошад. Умуман, ин самти сиёсати дохилии Швейтсария дар асри XXI прагматикӣ мебошад. Швейтсария аъзои ИА нест ва эҳтимол, ҳоло нахоҳад шуд. Бо вуҷуди ин Швейтсария дар назди ИА як қатор афзалиятҳо дорад.

Дар айни замон мақоми бетарафиро васеътар шарҳ додан ғайриимкон аст. Дохил шудани давлати бетараф ба ИА аз доираи фаҳмиши анъанавии бетарафӣ мебарояд. Иштирок дар иттиҳоди сиёсию иқтисодӣ дар баробари дигар иштирокчиён ба тасаввуротҳои классикии бетарафӣ мувофиқат намекунад, чунки дар доираи ИА самтҳои пурқувваткунии ҳамкориҳои ҳарбӣ пайдо шудаанд. Аз ин бармеояд, ки як қатор қоидаҳои бетарафӣ бо назардошти равандҳои муосири байналхалқӣ, бояд аз нав дида баромада шаванд.

**Фариддун ҲОТАМОВ**
*донишҷӯи соли 3, (МБХ)*

# ИЛОВАҲОИ КОНСТИТУТСИЯ

ҷавобгӯ ба ваъзи демографии Тоҷикистон аст. Инчунин ин тағйирот шароити хубро барои мо ҷавонон фароҳам меорад, ки дар корҳои сиёсӣ фаъолона ширкат варзем. Баъд аз расидан ба синни 30 ҳар як ҷавон аллакай мутахассиси донишманду соҳибмаърифат, дорои ҷаҳонбинии васеъ, ватандӯст ва ватанпарасти асил мегардад.

Аз байн бурдани маҳдудият нисбат ба



**Некмон Сангинов**
*донишҷӯи соли 4, гирандаи стипендияи Президентӣ*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро мо ҷавонон якдилона дастгирӣ менамоем. Маҳз Пешвои миллат дар тӯли роҳбарии худ Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ устувор сохт. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти нотакрор мебошанд, сифатҳои неки инсонии худодод доранд, ки ба туфайли ин, тамоми зертобеонаш ба таври мураттабу муназзам кору фаъолият мекунанд. Ин шахсият тасодуфан Пешвои миллати мо, кафили ҳифзи сулҳу субот, тарроҳи ҳадафҳои бузурги стратегӣ ва роҳбаладии амалисозии онҳо нагардидаанд. Пешвои миллат шахсияти созанда ва ислоҳотчӣ мебошанд, сиёсатмадори оқилу хирадманд ҳастанд, шахсияти ғайриоддӣ ва роҳбари кордон, шахси боҷуръат буда, ба қавли хеш вафодоранд. Дар оғози касби истиқлоли кишварамон гуфта буданд, ки омодаанд ҷони худро барои Халқу Миллату Ватани худ фидо намоянд ва имрӯз низ ба ин суханони худ содиқ мебошанд. Маҳз барои ҳамин халқ ин нафарро дастгирӣ мекунад. Ҳамаи он чи ки пешниҳод кардаанд, ҳеҷ гоҳ бар хилофи иродаи мардум ва ба муқобили манфиатҳои миллӣ набуд. Халқи мо дар атрофи Президенти худ муттаҳид гашт, неруманд шуд, раванди бунёди давлатдориро анҷом дод. Бигзор Тоҷикистони азизи мо зери роҳбарии он кас боз ҳам рушд ёфта, шукуфонтар, зеботар ва пурқувваттар гардад.

## ТАЪЗИЯНОМА

Садорат ва устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ба дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ Идиев Файзалӣ Фузайлшоевич бинобар вафоти

**ПАДАРАШ**

ҳамдардии худро иброз намуда, ба эшон ва хешону наздикон сабри ҷамил мехоҳанд.

Садорат ва устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ба лаборанти кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ Ҳамроева Ҷамила бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

ҳамдардии худро иброз намуда, ба эшон ва хешону наздикон сабри ҷамил мехоҳанд.

# ҲИФЗИ ВАТАН - ВАЗИФАИ МУҚАДДАСИ ШАҲРВАНД!



Эмомалӣ **МИРАЛИЕВ**
*донишҷӯи соли 5*

Қонунгузории миллӣ барои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳуқуқу озодиҳоро кафолат додааст, ки дар асоси онҳо шаҳрванд метавонад ба ҳама гуна фаъолият, ки қонун манъ накардааст машғул шавад. Ба сифати яке аз чунин санадҳои қонунгузорӣ Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ баромад намуда, дарбаргирандаи як қатор ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон мебошад. Масалан, тибқи талаботи моддаи 12 Конститутсия озодии фаъолияти соҳибкорӣ кафолат дода мешавад, моддаи 27 бошад, ҳуқуқи шаҳрвандро барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ пешбинӣ менамояд, дар моддаи 30 кафолати озодии сухан пешбинӣ мешавад ва ғ. Дар баробари ин ҳама озодиҳо, Сарқонуни ҶТ бар дӯши шаҳрвандон як қатор вазифаҳоро мегузорад, ки иҷрои ҳатмиро талаб менамоянд. Чунки ҳуқуқ бе уҳдадорӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Яке аз вазифаҳое, ки қонунгузории миллӣ, хусусан Конститутсия бар зиммаи шаҳрвандон мегузорад, ин "Ҳифзи Ватан" мебошад. Тибқи талаботи моддаи 43-и Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ "Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст". Ҳифзи Ватан - ин ҳимояи сарзамини аҷдодӣ, ҳудуди ҷуғрофӣ, пуштибонӣ аз маҳсули эҷодиву фарҳангии наслҳои пештара, фарҳанги аҷдодӣ ва мероси таърихӣ мебошад. Ҳифзи Ватан шуҷоат, қаҳрамонӣ ва ҷонфидоии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистонро талаб мекунад. Ҳамон вақт мо метавонем оромӣ ва субот, истиқлолият, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, арзишҳои демократиро дар худ нигоҳ дорем, ки агар мо содиқ ба ин Ватан, миллат, сарзамин бошем. Ҳифзи Ватан ба хотири эҳтироми хотира, меҳнату фаъолияти наслҳои пештара, нигоҳдошти сарзамини аҷдодӣ ва осори фарҳанги миллӣ, рушди давлати миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, амният ва иқтидори мудофиавии давлат, ободонии кишвар, ҳаёти осудаи наслҳои ҳозира ва минбаъда амалӣ карда мешавад.



Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иктидори мудофтавии он аз ҳам ҷудо буда наметавонанд ва ба ҳам тавъам мебошанд. Тавофути ин вазифа аз дигар вазифаҳои конститутсионӣ (риояи Конститутсия ва қонунҳо, ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, додани андоз ва пардохтҳо) дар он аст, ки уҳдадории мазкур дар Сарқонуни ҶТ на вазифаи оддии шаҳрванд, балки "вазифаи муққадас" эълон гардидааст. Истилоҳи "вазифаи муқаддас" ба он ишора мекунад, ки он ҳам вазифаи конститутсионӣ ва ҳам маънавии ҳар як шаҳрванд аст. Вазифаи муқаддас будани ҳифзи Ватан аз муқаддасоти Ватан бармеояд. Ватан бо сарзамини аҷдодии тоҷикон алоқаманд буда, бо алоқаи сокинони имрӯзаи кишвар бо ҳаёту фаъолият, шуҷоат, қаҳрамонӣ, ҷонфидоӣ, меҳнату корнамоии наслҳои пештара ишора мекунад. Аз ин рӯ, барои пос доштани хотираи аҷдодони гузашта, ки барои бунёди ин миллати куҳанбунёд ҷоннисорӣ кардаанд ва барои родмардоне, ки ба ҳама мушкилиҳо сар фуруд овардаву барои насли имрӯза як ҷомеаи озоду демократӣ бунёд намудаанд, ҳаргиз мо бояд аз ин вазифаи муқаддаст сарпечӣ нанамоем. Таҳкимбахши ин вазифаи муқаддаси конститутсионӣ, дар баробари Конститутсия, Қонуни ҶТ "дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ", Қонуни ҶТ "Дар бораи мудофиа" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ мебошад.



Вобаста ба ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият ва иқтидори мудофиавии кишвар, қариб дар ҳама суханрониҳои худ Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, хитоб ба мардуми кишвар намуда, аз таҳдидҳои берунае, ки имрӯз тамоми ҷомеаи байналмилалиро ба ташвиш овардааст, таъкидҳои зиёд менамоянд. Дар баробари ин, ҳар як фарди ҷомеаи Тоҷикистонро барои якпорчагӣ, оромӣ, субот, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, даъват менамоянд. Далели ин гуфтаҳо суханронии Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 23-юми майи соли 2013 бо намояндагони ҷавонони мамлакат мебошад, ки қайд намудаанд: "Дӯст доштану ҳифз кардани ин сарзамини аҷдодӣ, ободу зебо гардонидани Ватани биҳиштосо, неруманду пуриқтидор сохтани давлати тоҷиконро бояд ҳар як фарзанди бонангу номуси ин марзу бум вазифаи имониву виҷдонии худ шуморад". Зеро дар шароити имрӯза, яъне вусъати ҷаҳонишавӣ, ба вуҷуд омадани падидаҳои номатлуб, ба мисли терроризм ва экстремизм дар арсаи байналмилалӣ ва хатари афзудани он, таҳдиди он ба давлатҳои рӯ ба рушд, аз ҳар як фарди комилҳуқуқ талаби онро менамояд, ки ҳифзи Ватанро вазифаи ҷонии худ қарор дода, барои оромӣ ва суботи кишвар, таҳкими истиқлолият ва амнияти давлат дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ худро масъул шуморида, барои пойдории асосҳои сохтори конститутсионӣ тамоми кушишҳоро ба харҷ диҳад. Аз ин рӯ, ҳифзи Ватан натанҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки қарзи ахлоқӣ ва ватандӯстии ҳар як шаҳрванд аст.

Тамоми шаҳрвандони кишвари азизамонро ба муносибати 24-умин солгарди таъсисёбии Артиши миллӣ табрик гуфта, орзӯи онро мекунем, ки бигзор ҳамеша оромӣ, субот, осудагӣ дар хонадони ҳар як фарди мамлакат пойбарҷо бошад.